ФОНД ПРЕЗИДЕНТСКИХ ГРАНТОВ

БФ «ПСП-ФОНД»



# МАСЛИҲАТҲОИ МУҲОҶИРОН БА МУҲОҶИРОН



## Маслиҳатҳои муфид дар бораи зиндагӣ ва мутобиқшавӣ дар Россия

**Нашри 2**

Санкт-Петербург
2021

# МУНДАРИЧА

Тайёрӣ пеш аз сафар ........................................3

Вуруд ба Россия........................................10

Бақайдгирии муҳоҷират ..............................14

Патент........................................................18

Тайёр кардани ҳуҷҷатҳо ...............................24

Ҷустуҷӯи кор ва оғози кор.........................28

Ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ........................32

Муоширот бо политсия.............................39

Манзил .......................................................44

Ҳолатҳои мураккаб ......................................48

Саломатӣ ва тиб.........................................52

Тавллуди кӯдак дар Россия .......................56

Таҳсилоти кӯдакон .......................................59

Иҷозати истиқомати муваққатӣ (РВП)..................65

Шаҳрвандии ФР ..............................................68

Ҳамкорӣ бо аҳолии маҳаллӣ ......................71

Фарҳанг ва фароғат ........................................75

Барои ёрии бепул дар ҳолатҳои фаврӣ
ба куҷо муроҷиат кардан зарур аст........................78

**Дӯстони азиз!**

Дар дасти шумо нашри навбатии маҷмӯаи «Маслиҳатҳои муҳоҷирон ба муҳоҷирон” истодааст. Ҳангоми омода кардани ин маҷмӯа мо аз шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Россия кор мекунанд, хоҳиш кардем, ки аз таҷрибаи худ нақл кунанд, ба ононе, ки нав омадаанд ё нияти ба муҳоҷират омадан доранд, тавсияҳо диҳанд.

Шумо дар ин ҷо маслиҳатҳоро оид ба доираи хеле васеъи мавзӯҳо: аз бақайдгирии муҳоҷират ва қабул ба кор сар карда, то муошират бо политсия ва аҳолии маҳаллиро ёфта метавонед. Ҳар бахши маслиҳатҳо дорои шарҳи коршинос, маълумот дар бораи қонунгузории Россия, робитаҳо мебошад.

Мо умед дорем, ки ин маҷмӯъа барои шумо муфид хоҳад буд. Ба ҳамаи шумо танҳо таҷрибаи мусбат таманно мекунем!

***Аҳли БФ «ПСП-фонд»***

# ТАЙЁРӢ ПЕШ АЗ САФАР

*Аз ҳама асосӣ - ман доимо таъкид мекунам – забони русиро бояд омӯзед! Ҳар қадар ин забонро омӯзед, барои худатон беҳтар хоҳад буд. Бе донистани забони русӣ Шумо дучори фиребу найранг, мушкилоти бешумор ва ҳатто ғуломӣ хоҳед шуд. Ва ҳатто бе донистани забон аз касе ёрӣ талабидан ҳам наметавонед.* (Бахтиёр).

*Агар шуморо ягон нафар аз шиносҳоятон барои кор ба Россия даъват кунанд, саросема нашавед, зуд рахти сафар набандед. Пешакӣ бо кордиҳанда суҳбати телефонӣ кунед. Муфассал ҳамаи шароитро фаҳмед ва чӣ будани ташкилоту ба чӣ кор машғул шуданашро пурра фаҳмед. Аз интернет дар бораи қонунгузории муҳоҷират маълумот гиред ва чӣ кор карданатонро донед. Ҳамаи инро пешакӣ, ҳоло, ки дар хона ҳастед, донистан беҳтар аст. Ин тавр ҳам мешавад, ки одамон бо он сабаб, ки касе ба онҳо ҷои кор ва пул ваъда кардааст, ба Россия меоянду баъд дар кӯча мемонанд. Гумроҳона, бе пул ва бе дониш наоед, наоед*. (Ислом).

*Доимо ба худ такя кунед. Чунин фикр накунед: дар гирифтани манзил ба ман Азиз ёрдам мекунад, ҷои корро Ҷасур меёбад, пулро Бахтиёр медиҳад.*

*Пешакӣ худро ба ҳолати бадтарин омода кунед: ин натавонист, он кор наёфт, сеюм пул надошт. Худ чӣ бояд кунед*? (Карим).

*Маслиҳати хурдакак. Фақат бо каллаи худ фикр кунед! Интизор нашавед, ки ягон каси дигар ба ҷои шумо фикр мекунад. Умедвор нашавед, ки каси дигар роҳи ҳалли мушкилотро ба ҷои шумо меёбад. Аксари мушкилот он вақт пайдо мешаванд, ки худи инсон мехоҳад, ки онҳо осону зуд ҳал карда шаванд, танҳо худаш фикр наронад, амал накунад, нахонад ва надонад, бас. Ин тавр намешавад.* (Нурлан).

*Пеш аз сафар нағз фикр кунед, ки барои чӣ ба муҳоҷират меравед. Як қисса мегӯям. Ҷавоне дар Ӯзбекистон, дар донишгоҳ таҳсил мекард. Дар соли дуюм таҳсилро тарк карда, ба Россия рафт. Танҳо ба он хотир, ки ҳоло ҳама ба мардикорӣ мераванд, ин мӯд шудааст. Аз миёнравҳо ҳуҷҷат харида, дар сохтмонҳо ғайрирасмӣ кор мекард. Ӯро дастгир ва ба ЦВСИГ (маркази боздошти шаҳрвандони хориҷӣ) ҷой карданд. Алҳол ман намедонам, ки оқибати кори ӯ чӣ шуд. Албатта, ӯро ба хона мефиристанд ва вуруди минбаъдаашро манъ мекунанд. Пул наёфт, ба қарз ғӯтид, вақташро талаф дод. Шояд барои ӯ давом додани таҳсил ва гирифтани маълумот беҳтар буд? Ман намегӯям, ки наоед, ин тасмими худи ҳар шахс аст. Фақат баъзан одамон меоянду ҳолашон бад мешавад.* (Зилола).

*Бо худ бояд пул гирифт. Камаш 45-50 ҳазор рубл (барои ба Петербург, Москва омадан). Ин барои омода кардани ҳуҷҷатҳо, пардохти иҷораи манзил, роҳкиро ва хӯрок дар давраҳои аввал басанда аст.* (Юлдуз).

*Мехоҳам ба ононе, ки ба Россия ба кор омаданӣ ҳастанд, як маслиҳати умумӣ диҳам. Ба он шиносони худ, ки зиндагиро дар Россия хушу серу пур ва афсонавӣ таъриф мекунанд, бовар накунед. Аксар вақт инсон аз комёбиҳои худ лоф мезанад. Аммо дар бораи сахтиҳову душвориҳо, ки дар ин ҷо ҳам кам нестанд, сухан гуфтан намехоҳанд. Ман 5 сол дар Россия ҳастам ва гуфтан мехоҳам, ки муҳоҷир будан дар Россия осон нест. Забонро нағз донистан, аэ қоидаҳои муҳоҷират огоҳ будан, ҳуқуқҳои меҳнатии худро фаҳмидан ва аз ҳама асосӣ – ҳуҷҷатҳои худро сари вақт тайёр кардану дароз намудан ва муҳлатро риоя кардан, ҳатто як рӯз ҳам бошад, аз муҳлат қафо намондан зарур аст. Ман одамонеро медонам, ки манъи вуруд гирифтанд, пули корашонро гирифта натавонистанд, зери бори қарз монданд ва ғайра. Умуман гуфтан мехоҳам, ки барои ба Россия рафтану ризқ пайдо кардан хеле муносибати ҷиддӣ бояд кард.* (Асрор).

*Дар интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ оид ба тарзҳои фиреби муҳоҷирон мақолаҳо хонед, аз иштибоҳҳои дигарон сабақ гиред, на аз хатоҳои худ.* (Самир).

*Агар шумо ягон касбу ҳунар, маълумот надошта бошед, маслиҳат медиҳам, ки ба Россия наравед. Одамони бе ҳунару касб дар ин ҷо маоши ночиз мегиранд. Пулҳои ёфтаатон ба пардохти патент, иҷораи манзил, хӯрок, роҳкиро сарф мешаванд, чизе ҷамъ карда, ба хона фиристонда наметавонед. Бинобар ин пешакӣ фикр кунед, ки чӣ ҳунарҳо доред, чӣ кор карда метавонед, аз сайтҳо маълумот гиред, ки музди меҳнати ин касбҳо чанд аст. Масалан, Шумо ронанда ҳастед ва ин хуб аст. Беҳтар аст, ки шумо дар кишвари худ шаҳодатномаи ҳуқуқи ронандагӣ дошта бошед, ки онро ба шаҳодатномаи россиягӣ иваз карда метавонед. Агар шаҳодатномаи ҳуқуқи ронандагӣ надошта бошед, он гоҳ дар мактаби ронандагии ин ҷо хондан лозим меояд.* (Латифҷон).

*Хуб аст, ки шумо ҳанӯз дар хона, пешакӣ ҳар қадами баъдан дар Россия мегузоштаи худро донед. Ҳамаи амалҳои иҷро мекардаи худро. Ҳамаи ҳуҷҷатҳоеро, ки бояд тайёр кард. Набояд, ки ҳамаи инро баъдан дар Россия фаҳмед. Ҳамаи инро ҳарчӣ муфассалтар ҳоло, ки дар хона ҳастед, донед. Он гоҳ дар ин ҷо бароятон осон мешавад. Ман ҳанӯз одамеро во нахӯрдаам, ки нагуфта бошад – беҳтар аст, ки ба муҳоҷират пешакӣ тайёрӣ бояд дид. Инчунин одамеро надидаам, ки забони русиро нағз надонад ва баъди ба Россия омадан афсӯс нахӯрда бошад.* (Заҳина).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Муҳоҷирати меҳнатӣ иқдоми хеле ҷиддӣ аст ва барои он, ки баъдан аз ин қароратон пушаймон нашавед, муҳим аст, ки ба он нағз тайёрӣ бинед.

Муайян кунед, ки барои чӣ ва бо кадом мақсад ба Россия меравед. Ҳамаи ҷиҳатҳои мусбат ва манфии муҳоҷирати меҳнатиро бар кашед.

Дуруст фикр накарда, ба қароре наоед. Зуд пешниҳоди ногаҳонии шиносҳоятонро қабул накунед. Ба пешниҳодҳои шубҳаноке, ки пули калони бе ташвиш ваъда мекунанд, бо нобоварӣ муносибат кунед.

**Аз миёнравон ва гумоштагон дур бошед, аз маълумотҳои расмӣ истифода баред** – ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Россия тамоман мустақилона ҳам рафтан мумкин аст, аммо комилан ба миёнравон бовар кардан, ки ба ҷои шумо ҳал кардани ҳамаи мушкилотро ваъда медиҳанд, ҳатто хатарнок мебошад – хавфи қурбонии савдои одамон шудан, ё барои хизматҳои бепули давлатӣ пул додан мавҷуд аст.

**Корҳои худро ба тартиб дароред** – дар хона қарз ё масъалаҳои муҳими ҳалношудаи ҳуқуқиро боқӣ нагузоред, инчунин кӯшиш кунед, ки оилаи худро бо “болишти бехатарӣ”-и молиявӣ таъмин кунед: ба муҳлати дароз набудани шумо набояд сабаби мушкилоти хешовандону наздиконатон гардад.

**То ба сафар баромадан кӯшиш кунед, ки кордиҳанда пайдо намоед ва бо ӯ дар масъалаи кори**

**расмӣ гуфтушунид кунед – пешниҳодҳои расмии кордиҳандагонро дар ҳамаи минтақаҳои Россия дар сайти** trudvsem.ru ёфтан мумкин аст – ин хазинаи умумироссиягии ҷойҳои холии кор (вакансия)-ҳои Вазорати меҳнат ва шуғли Федератсияи Россия мебошад. Ғайр аз ин дар минтақаҳои гуногуни ФР барномаҳои мухталифи дастгирии интихоби муташаккилонаи муҳоҷирон амал мекунанд.

**Бо ҷониби қабулкунанда** – шаҳрванди Россия ё шаҳрванди хориҷӣ, ки дар ФР истиқомат мекунад, ё кордиҳандае, ки манзили истиқоматӣ пешниҳод мекунад, **доим дар тамос** бошед. Ҷониби қабулкунанда бояд шуморо дар ҳисоби муҳоҷират сабти ном ва бо манзили истиқомат таъмин кунад – шумо ва наздикони шуморо зарур аст, ки пешакӣ ба назди кӣ рафтан ва дар куҷо истиқомат кардани худро донед.

**Забони русиро беҳтар азхуд кунед** – бояд забони русиро дар сатҳе донед, ки барои муоширати мустақилона бо аҳолии маҳаллӣ, кордиҳанда, кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ кофӣ бошад. Бе донистани забони русӣ дар Россия кор ёфтан, манзил ба иҷора гирифтан, ташкил кардани рӯзгор ва ёрӣ талабидан хеле душвор мешавад.

**Тафтиш кунед, ки вуруди шумо ба Россия манъ нашуда бошад –** барои ин аз сайти расмии ВКД Россия истифода баред: http://сервисы.гувм.мвд.рф/info-service.htm?sid=3000. Агар Шумо пештар ҳангоми тайёр кардани ҳуҷҷатҳо аз хизмати миёнравҳо истифода бурда бошед, эҳтимоли қавӣ ҳаст, ки бароятон ҳуҷҷатҳои қалбакӣ дода бошанд ва вурудатон ба Россия манъ шуда бошад.

Кӯшиш кунед, дар бораи кор дар Россия, қонунгузории муҳоҷирати Россия, дар бораи тартиботе, ки бояд гузаред, ҳарчӣ бештар маълумот пайдо кунед. Дар интернет навиштаҳои муҳоҷиронро оид ба таҷрибаҳояшон дар Россия хонед. Барои пурра шудани тасаввурот натанҳо таҷрибаҳои мусбат, инчунин таҷрибаҳои манфиро ҳам омӯзед.

Минтақаи муҳоҷиратро муайян карда, кӯшиш кунед, ки дар бораи он маълумоти бештар пайдо намоед. Иқлим, нақлиёт, нархи наво, ҷойҳои холии кор – пешакӣ ҳарчӣ бештар донед, баъди омадан коратон осонтар мешавад.

**Суроғаи ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятиеро, ки дар Россия ёрӣ расонда метавонанд –** инҳо мақомоти давлатии ФР, намояндагиҳои кишвари Шумо метавонанд бошанд: муассисаҳои консулӣ ё намояндагиҳои хадамоти муҳоҷират. Донистани ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ба муҳоҷирон дар минтақаҳои Россия ёрӣ мерасонанд, хуб аст – онҳо ба расонидани ёриҳои бепули касбии ҳуқуқӣ машғул мебошанд.

Қонунгузории муҳоҷирати Россияро ҷиддан омӯзед, ба ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи он диққати махсус диҳед.

## Робитаҳои муфид:

гувм.мвд.рф – сайти расмии Главного управления по вопросам миграции МВД России

trudvsem.ru – портали умумироссиягии ҷойҳои холии кор «Работа в России»

сервисы.гувм.мвд.рф/info-service.htm?sid=3000 – Тафтиши манъи воруд ба ФР аз тариқи ГУВМ МВД РФ

migrussia.ru – Портали байниминтақавии иттилоотии «Миграция и мигранты»: маълумоти муфид барои муҳоҷирон дар минтақаҳои ФР

migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru – «Добро пожаловать в Санкт-Петербург!»: махзани интернетӣ барои муҳоҷирон ва аҳли оилаи онҳо аз Ҳукумати Санкт-Петербург

migrantlenobl – «Добро пожаловать в Ленинградскую область!»: замимаи мобилӣ ва сайт барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аҳли оилаи онҳо аз Ҳукумати вилояти Ленинград

## ВУРУД БА РОССИЯ

*Агар Шумо бо мақсади кор кардан омада бошед, зарур аст, ки ҳатман дар корти муҳоҷират мақсади муҳоҷират кор сабт шуда бошад. Агар мақсади омадани Шумо дигар бошад, Шумо патент гирифта наметавонед. Ман чанд қиссаро шунидаам, ки дар корти муҳоҷирати одамон хатоҳо будаанд.* (Ирина).

*Аз сабаби баста будани сарҳадҳо одамон алҳол барои кор ба Россия баргашта наметавонанд. Масалан, дар аввали сол рафта буданд, баъдан сарҳадҳо баста шуданд ва акнун омада наметавонанд. Баъзеҳо кӯшиш мекунанд, ки бо роҳҳои дигар, масалан, ба воситаи кишварҳои дигар оянд, ман шунидаам, ки баъзе ҳамшаҳриён ба воситаи Туркия омаданӣ шудаанд. Ё мегӯянд, ки барои табобат меоянд. Ин*

*ҳилаҳо ба кор намеоянд. Муҳим нест, ки ба воситаи кадом кишвар меояд, агар омадан манъ бошад, Шуморо бармегардонанд. Агар бо мақсади бофтаю сохта омадед, кор карда наметавонед, зеро патент намедиҳанд. Фақат кушода шудани сарҳадҳоро интизор бояд шуд, дигар роҳи ҳал нест.* (Шавкат).

*Ба муҳоҷирон гуфтанӣ ҳастам, ки баъзан вурудро иштибоҳан манъ мекунанд. Ва муҳим аст, ки аз болои он сари вақт шикоят бурд – дар тӯли се моҳи баъди баровардани қарор.* (Раҳматулло).

*Агар вуруди Шуморо ба Россия манъ карданд ва Шумо медонед, ки он қонунӣ асту ҳуқуқвайронӣ кардаед, ба ҳуқуқшиносоне, ки ваъда медиҳанд, онро бекор кардан мумкин аст, пул надиҳед. Ҳуқуқшиносоне ҳастанд, ки мегӯянд дар ҳама ҳолат ёрӣ мерасонанд, пул диҳед, шуд. Аммо ин дурӯғ аст. Агар Шумо қоидаҳои муҳоҷиратро вайрон кардед, дар рӯйхати сиёҳ афтодед ва ягон сабаби ҳаққонӣ надоред, манъи вуруд бо ҳеҷ маблағе бардошта намешавад. Танҳо сабр бояд кард, муҳлат ба охир расад.* (Шухрат).

*Дар корти муҳоҷирати фарзанди Шумо бояд мақсади вуруд хусусӣ навишта шавад, кор навиштан лозим нест, агар мақсади худи Шумо кор бошад.* (Юлдуз).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Пешакӣ аниқ кунед, ки барои рафтан ба Россия кадом ҳуҷҷатҳо даркор мешаванд. Тафтиш кунед, ки рафтанатон манъ нашуда бошед. Чунин шуданаш мумкин аст, агар Шумо дар гузашта қонунгузории муҳоҷиратро вайрон карда ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дошта бошед. Манъи вурудро дар сайти ВКД тафтиш кардан мумкин аст (http://сервисы.гувм.мвд.рф/info-service.htm?sid=3000)

Шумо бояд манъи хориҷ шудан аз кишвари худро надошта бошед: метавонанд барои рафтанатон монеъ шаванд.

Ҳангоми сафар бояд шиносномаи амалкунандаи хориҷӣ дошта бошед: беҳтар он, ки шиноснома дар тамоми муҳлати ба нақша гирифтаи сафаратон ба ФР амал кунад.

Шумо бояд доғи судии сафеднашуда барои содир кардани ҷинояти барқасдона надошта бошед. Шумо бояд мубталои касалиҳои барои ҷамъият хатарнок (аз ҷумла, сирояти ВИЧ, сил, касалиҳои сироятии олоти таносул, инчунин коронавируси COVID-19) набошед – дар ҳолати доштани чунин бемориҳо Шумо аз муоинаи тиббӣ барои гирифтани патент гузашта наметавонед ва мутаносибан дар ФР ба таври расмӣ кор карда наметавонед.

Пеш аз гирифтани билет аз режими сафар ба ФР маълумот пайдо кунед ва огоҳ шавед, ки ба кадом категорияи одамон иҷозати сафар ҳаст. Ҳангоми

маҳдудиятҳои вобаста ба пандемия вуруд ба Россия маҳдуд карда шуд. Дар бораи тартиби ворид шудан ба ФР дар давраи пандемия аз сайти пограничной службы ФСБ РФ (http://ps.fsb.ru/general/info/covid.htm) маълумот гирифтан мумкин аст.

Ҳеҷ гоҳ бо мақсадҳои бофтаю сохта ба сафар набароед, агар мақсади асосиатон кор бошад. Агар мақсади Шумо хусусӣ ё табобат бошад, Шумо ба таври расмӣ кор карда наметавонед. Агар Шумо ба дидори шиносҳо, ба таҳсил рафтанӣ бошед ва медонед, ки кор намекунед, мақсади сафарро “таҳсил” сабт кунед.

Барои бачаҳои ба синни 18-солагӣ нарасида мақсади сафар хусусӣ сабт карда шавад.

Ҳангоми вуруд ба Россия Шумо бояд шиносномаи амалкунанда ва полиси суғуртаи тиббӣ дошта бошед, барои кишварҳои бо раводид иловатан раводид талаб карда мешавад. Фаромӯш накунед, ки бе полис метавонанд Шуморо ба кишвар роҳ надиҳанд.

Кишвари Шумо уҳдадор аст, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандони худро дар хориҷа ҳимоя кунад – барои ин тавсия медиҳем, ки дар қайди консулии ҷои истиқомати худ дар ФР сабти ном кунед.

**Қонунгузории Россия ва қоидаҳои асосии соҳаи муҳоҷират ва муносибатҳои меҳнатиро донед:** чунончӣ, шаҳрвандони СНГ (ИДМ) метавонанд дар ФР бе гирифтани патент на бештар аз 90 рӯз дар 6 моҳ истиқомат кунанд. Дар 6 моҳ Шумо метавонед чанд бор ба Россия оед, аммо вақти умумии дар Россия истоданатон набояд аз 90 рӯз зиёд бошад. Шаҳрванди хориҷӣ, ки ба Россия бо мақсади кор омадааст, ҳатман дар корти муҳоҷират бояд

мақсадашро кор сабт кунад. Бе нишон додани чунин мақсади сафар ӯ наметавонад дар Россия расман ба кор машғул шавад..

**Робитаҳои муфид:**

http://ps.fsb.ru - сайти Пограничной службы ФСБ России

https://russiamedtravel.ru/ - сайти расмии Минздрава РФ барои хориҷиён, ки бо мақсади табобат ба Россия меоянд.

https://studyinrussia.ru/ - сайт барои донишҷӯёни хориҷӣ дар Россия – маълумот дар бораи тартиби вуруд ба ФР бо мақсади таҳсил.

https://мвд.рф/mvd/structure1/Glavnie_upravlenija/guvm - Главное управление по вопросам миграции МВД России

## БАҚАЙДГИРИИ МУҲОҶИРАТ

*Вақте ба Россия омадед, дар муддати 7 рӯз бояд аз қайди муҳоҷират гузаред (барои шаҳрвандони баъзе кишварҳо 15 рӯз, барои баъзеи дигар ин муҳлат 30 рӯз аст). Ин 7 рӯз аз лаҳзае сар мешавад, ки сарҳади Россияро убур кардед, на аз он лаҳзае, ки Шумо ба ҷое омадед, ки зиндагӣ карданиед. Агар шумо ба Москва бо ҳавопаймо омадед, масалан, чанд рӯз дар хонаи шиносҳоятон истодед ва баъд ба шаҳри дигар рафтед, ин рӯзҳо мегузаранд. Мисли он, ки бо нақлиёти заминӣ омадед – сарҳадро гузаштед ва ҳисоби рӯзҳо сар шуд.* (Бахтиёр).

*Баҳисобгирии муҳоҷиратро бояд то анҷоми муҳлаташ дароз кард. Ин хел нест, ки имрӯз муҳлаташ ба охир расиду ту рӯзи дигар барои дароз кардани муҳлаташ равӣ. Агар бо патент кор кунӣ сабти муҳоҷиратро ба муҳлати амали патент дароз кардан лозим аст. Ба муҳлатҳо аҳамият диҳед! Маҳз аз сабаби гузаштани муҳлатҳо одамон ғайрирасмӣ дониста мешаванд ва мушкилоти онҳо оғоз меёбанд.* (Юлдуз).

*Бисёриҳо намедонанд: регистратсия дар як ҷо, аммо дар ҷои дигар истиқомат мекунӣ. Ин ҳуқуқвайронкунӣ аст. Агар ба даст афтӣ, депорт мекунанд.* (Зоир).

*Сабти муҳоҷиратро то анҷом ёфтани муҳлати он дароз кунед, масалан, як ҳафта пештар. Умуман ҳеҷ гоҳ нисбати ҳуҷҷатҳо беэътино набошед, то охирин рӯз кашолкорӣ накунед.* (Гулнора).

*Албатта на ҳамеша дар ҷайб пул мавҷуд аст барои пешпардохти патент. Аммо ҳар моҳ низ пардохт кардан зарур намешавад, агар Шумо патентро ба муҳлати се моҳ пешпардохт кунед, се моҳ хотирҷамъ мешавед, агар солона пардохт кардед, тамоми сол ором мегардед.* (Раҳматулло).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Ба Россия, ки омадед, Шумо бояд дар ҳисоби муҳоҷирати ҷои омада сабти ном (регистратсия) кунед. Барои категорияҳои гуногуни муҳоҷирон мuҳлатҳои гуногуни сабти ном муқаррар карда шудааст. Барои шаҳрвандони ЕАЭС - Иттиҳодияи иқтисодии Авросиё (Қазоқистон, Арманистон, Қирғизистон, Беларус) ин муҳлат 30 рӯз аст. Барои шаҳрвандони Тоҷикистон – 15 рӯз. Барои ҳамаи кишварҳои дигар – 7 рӯз.

Муҳлат аз лаҳзаи убури сарҳади Россия сар мешавад.

Сабти номи шаҳрванди хориҷиро дар ҳисоби муҳоҷират ҷониби қабулкунанда анҷом медиҳад:

• шаҳрванди ФР, ки дар минтақаи омадаи Шумо сабти номи доимӣ дорад;

• шаҳрванди хориҷӣ, ки дар ҳудуди ФР истиқомати доимӣ дорад (дар ҷои истиқомат регистратсияи доимӣ, ВНЖ - иҷозати истиқомат дорад);

• шаҳрванди хориҷӣ, аз ҷумла, худи муҳоҷир, ки дар ҳудуди ФР бинои манзили хусусӣ дорад ва онро барои истиқомати воқеъӣ пешниҳод мекунад;

• шахси ҳуқуқӣ: ташкилот-кордиҳанда, меҳмонхона.

Барои сабти ном дар ҳисоби муҳоҷират варақа-огоҳномаи махсусро пур кардан лозим аст:

• дар шуъбаҳои ҳудудии Управления по вопросам миграции ГУ МВД России;

• дар Многофункциональных Центрах предоставления государственных услуг (МФЦ);

• дар шуъбаҳои ФГУП «Почта России».

Шумо бояд дар ҷои воқеии истиқомат сабти ном (регистратсия) кунед. Ҷои омада бояд ҳатман бинои истиқоматӣ бошад. Агар шумо дар як ҷо сабти ном карда, дар ҷои дигар истиқомат кунед, ин қонуншиканӣ ба ҳисоб меравад, ки ҷарима мешавад.

Дар ёд доред, ки шумо барои сари вақт сабти ном (регистратсия) кардан ва мунтазам дароз намудани муҳлати он масъул мебошед.

Барои сабти ном дар ҳисоби муҳоҷират шумо бояд ҳамроҳи ҷониби қабулкунанда ҳозир шавед. Агар шумо дар хобгоҳи умумӣ ё меҳмонхона, аз ҷумла пешниҳодкардаи кордиҳанда ҷойгир шудед, мутобиқи қонун шуморо бояд дар муҳлати 1 рӯзи кории ворид шуданатон ба қайди муҳоҷират гиранд. Хобгоҳ ё ташкилоте, ки шумо дар ҳудуди онҳо истиқомат мекунед, бояд аз пайи регистратсияи шумо бошанд ва ҳангоми зарурат муҳлати онро дароз кунанд.

Агар шумо ҷои истиқоматро дигар кунед – зарур аст, ки дар муддати 3 рӯз дар суроғаи нав дар ҳисоби муҳоҷират сабти ном кунед. Ҳангоми сабти нави муҳоҷират ҳамон ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кардан лозим аст, аммо баъди ду моҳи кор дар Россия – инчунин нусхаи шартномаи меҳнатӣ бо кордиҳанда талаб карда мешавад.

Муҳлати баҳисобгирии муҳоҷират дар асоси патент ҳам метавонад дароз карда шавад. Дар ин ҳолат регистратсия мувофиқи муҳлати амали патент дароз карда мешавад.

Барои шаҳрвандони ЕАЭС сабти ном (регистратсия) ба муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ дароз карда мешавад.

Сабти ном (регистратсия)-и кӯдакон ба муҳлати регистратсияи волидон дароз карда мешавад.

Сабти ном (регистратсия)-и муҳлаташ гузашта қонунвайронкунӣ ҳисоб мешавад, ки барои он ҷарима мебанданд, эҳтимол аз кишвар хориҷ ҳам кунанд.

**Робитаҳои муфид**

Варақа-огоҳномаро аз ин суроға гирифтан мумкин аст: https://мвд.рф/Deljatelnost/emvd/guvm/осуществление-миграционного-учета

http://migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru/migracionnoe-zakonodatelstvo/postanovka-na-migracionnyj-uchet/ - тартиби баҳисобгирии муҳоҷират дар Санкт-Петербурге

https://migrantlenobl.ru/migracionnyj-uchyot/ - тартиби баҳисобгирии муҳоҷират дар вилояти Ленинград

https://www.youtube.com/watch?v=JE5c-6XuF2o&t=9s – видеоролики БФ «ПСП-фонд» - «Миграционный учет»

# ПАТЕНТ

*Барои гирифтани патент як моҳ муҳлат дода мешавад ва дар ин моҳ бояд патент гирифта шавад. Инро дар назар бояд дошт. Инчунин баъди гирифтани патент бояд на дертар аз ду моҳ ба кор сар кард.* (Ислом).

*Ҳамеша ҳуҷҷатҳоро тафтиш кунед. Ҳамаи одамон иштибоҳ карда метавонанд. Агар дар*

*патент оид ба маълумотҳои худ ягон хаторо дидед, ба шуъбае, ки ин патентро додааст, бо пешниҳоди ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбут ба патент муроҷиат кунед. Онҳо хаторо бепул ислоҳ мекунанд.* (Умед).

*Агар патенти ту дар як минтақа бошаду дар ҳамон минтақа кор кунӣ, баъд дар минтақаи дигар кор кардан хостӣ, барои ҳамон минтақаи дигар патенти нав харидан даркор аст. Бо ман чунин шуда буд, ки ташкилоти ман дар минтақаҳои гуногун кор мекунад, ман аввал дар Петербург кор мекардам, баъд дар Виборг.* (Шерзод).

*Ҳатман мувофиқи он ихтисосе, ки кор мекунед, патент харед ва дар он минтақае, ки он ҷо кор мекунед. Масалан, патенти шумо дар вилояти Ленинград аст, аммо дар Петербург кор мекунед. Ин тавр мумкин нест. Бисёриҳо намедонанд, ки Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград – инҳо минтақаҳои гуногун мебошанд.* (Салоҳиддин).

*Агар шумо мувофиқи патент кор мекунеду бо сафари корӣ ба минтақаи дигар рафтед, бояд барои он минтақаи дуюм ҳам патент гирифтан зарур аст. Вагарна ин қонунвайронкунӣ мешавад.* (Азиз).

*Пешакӣ бояд аниқ донед, ки дар Россия шумо мушаххасан чӣ кор мекунед. Ин хеле барои харидани патент ба ихтисоси зарурӣ муҳим аст. Ин тавр ҳам*

*мешавад, ки одамон бо як ихтисос патент мехаранду баъд бо ихтисоси дигар кор мекунанд. Онҳо фикр мекунанд, ки чун бовиҷдонона ҳаққи патентро пардохт карданд, онҳо ҳама талаботи қонунро риоя кардаанд ва чӣ коре, ки хоҳанд, мекунанд. Агар шумо дар кӯча патенти худро ба корманди политсия нишон додед, ӯ албатта намедонад, ки шумо дар куҷо кор мекунед. Аммо агар шуморо дар ҷои кор тафтиш кунанд, ки шумо мувофиқи патент кор намекунед – ҳолатон бад мешавад.* (Латифҷон).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Патент ҳуҷҷате аст, ки ҳуқуқи шуморо барои истиқомат ва кор дар минтақаи интихобкарда ва бо ихтисоси интихобкардаатон тасдиқ мекунад.

Пули патентро ҳармоҳа, ё пешакӣ барои чанд моҳ (то 12 моҳ) пардохтан мумкин аст.

Таваҷҷуҳ кунед: патентро ҳатман бо он ихтисосе, ки кор хоҳед кард, гирифтан лозим аст. Кор бо ихтисоси дигар қонуншиканӣ ҳисоб мешавад.

Дар ФР бисёр миёнравони бевиҷдон (ташкилотҳо ё шахсони алоҳида) амал мекунанд, ки ёрии пулакӣ барои гирифтани патент пешниҳод мекунанд. Аз онҳо эҳтиёт кунед, ки фиребатон надиҳанд:

- **ба ёрии «шахсони воқеӣ»** - ҳамшаҳриён, саркорон, миёнравҳо, ҳатто шахсони бо шумо шинос муҳтоҷ нашавед: маҳз онҳо аксар вақт ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр мекунанд;

• **ҳатман оид ба расондани хизмат шартнома бандед**, агар барои ёрӣ ба ташкилоти миёнрав муроҷиат намудед. Ин шартномаҳоро бодиққат хонед – дар онҳо ҳатман бояд номгӯи хизматрасониҳо (мусоидат ба таҳия ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо), нархи хизматҳо, ҷавобгарии ташкилот барои иҷро накардани уҳдадориҳои худ нишон дода шаванд, муҳри ташкилот ва имзои менеҷер бошад;

• **то ҳуҷҷатҳои худро ба даст нагиред, санадҳоро дар бораи расондани хизмат имзо накунед**. Ҳушёр бошед – ин санадҳоро метавонанд ба матни асосии шартнома ворид кунанд;

• ҳангоми пардохти хизматҳои миёнравон **ҳатман чек талаб кунед**, ки пулҳои аз Шумо гирифтаи ташкилоти миёнравро тасдиқ кунад. Пайгирӣ кунед, ки маблағ дар чекҳо дуруст нишон дода шавад;

• ҳатто ҳангоми муроҷиат ба миёнравон **Шумо уҳдадор ҳастед, ки ШАХСАН аз муоинаи тиббӣ, тести донистани забони русӣ, таърих ва қонунгузорӣ гузаред.**

**Ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳо шумо бояд аз қайди дактилоскопӣ (изи ангуштон) гузаред ва сурат гиред**. Агар миёнрав инҳоро талаб накунад, Шуморо фиреб медиҳад;

• **ягон ташкилот ё шахси воқеӣ ҳуқуқ надорад, ки ба ҷои Шумо ҳуҷҷат гирад.** Шумо бояд ҳуҷҷатҳоятонро аз шуъбаи масъалаҳои муҳоҷирати УВМ-и минтақаи худ **ШАХСАН** гиред.

Дар ҳар минтақаи ФР маркази расмии муҳоҷирати худ амал мекунад, ки дар он патенти кор гирифтан мумкин аст. Аксари марказҳои муҳоҷират аз рӯи

принсипи равзанаи ягона амал мекунанд ва ба муҳоҷир ҳамаи хизматҳои заруриро мерасонанд. Арзиши тайёр кардани патенти кор аз минтақа ва хизматҳои ҳамроҳ вобаста аст ва хеле аз ҳам фарқ мекунад: масалан, таҳияи патент дар Москва 14000-18000 рубл, дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград 24000-27000 рубл аст.

Маблағи ҳармоҳаи пардохтҳои патент дар минтақаҳои гуногуни ФР фарқ мекунад ва ҳар сол аз ҷониби ҳукумати ҳар минтақа муқаррар карда мешавад – бодиққат бошед, тағйиротро пайгирӣ кунед.

Агар Шумо дар як минтақа кор кардед ва баъд ба минтақаи дигар рафта, ба кор сар кардед, шумо бояд патенти нав дар минтақаи кори наватон гиред. Доштани патенти амалкунанда аз минтақаи дигар асоси қонунӣ барои кор дар минтақаи нав шуда наметавонад.

Агар айни ҳол кор намекунед ва дигар асоси истиқомат карданатон дар Россия мавҷуд нест, ба ҳар ҳол муҳлати амали патентро дароз кардан лозим аст.

Дар муддати 2 моҳи баъди гирифтани патент Шумо бояд ба отдел по вопросам трудовой миграции УВМ ГУ МВД РФ дар минтақаи худ нусхаи шартномаи меҳнатии худро бо кордиҳанда фиристонед. Ин корро бо мактуби фармоишии огоҳонӣ аз қабул ё шахсан пешниҳод кардан ба отделении УВМ ГУ МВД РФ анҷом додан мумкин аст.

Патент ва чекҳои пардохти худро эҳтиёт кунед, нагузоред, ки ин ҳуҷҷатҳои муҳим гум шаванд. Беҳтар аст, ки онҳоро нусхабардорӣ кунед. Агар

раваду патентро гум кунед, онро ба ҷои гирифтаатон муроҷиат карда, дар муддати 3 рӯз гирифта метавонед. Агар шумо чекҳои пардохтро гум кардед, ба бонке, ки дар он пардохт намуда будед, муроҷиат карда, онҳоро барқарор кардан метавонед.

**Робитаҳо ва махзанҳои иттилоотӣ**

**сайти Главного управления по вопросам миграции МВД России** guvm.mvd.ru .

**Управления по вопросам миграции ГУ МВД России:**

• **дар шг. Санкт-Петербург ива вилояти Ленинград.**: 8 (812) 573-37-22, 8 (812) 573-30-02, https://78.мвд.рф/ms.

• **по г. Москва:** 8 (495) 587-07-87, https://77.мвд.рф/ms ; **по Московской обл.:**8 (926) 224-74-28,https://увм.50.мвд.рф***;***

**Многофункциональный миграционный центр**

• **г. Москва:** 8 (495) 777-77-77; https://mc.mos.ru/ru; **Московская обл.:** 8 (926) 956-33-33; http://emcmo.mosreg.ru

• **г. Санкт-Петербург и Ленинградская обл.:** 8 (812) 318-01-22; http://spb.pvsmvd.ru

Миграционные центры – филиалы ФГУП «Паспортно-визовый сервис МВД России» http://pvsmvd.ru/?q=node/15

https://www.nalog.ru – сайт **Федеральной налоговой службы РФ**: ҳангоми доштани ИНН дар хадамоти андоз метавонед ҳисоби андози барилова

супурдаи худро аз даромади шахсони воқеӣ (НДФЛ) гиред – яъне, як қисми пардохтҳои барои патентро бозпас гирифта метавонед.

## ТАЙЁР КАРДАНИ ҲУҶҶАТҲО

*Ҳамеша ҳама корро худатон кунед, ба ҳама чӣ сарфаҳм равед, ба миёнравон муроҷиат накунед. Патентро танҳо барои он ихтисосе гиред, ки аз рӯи он кор мекунед. Бинобар ин аз аввал аниқ донед ва ба қароре оед, ки дар куҷо ва бо кадом ихтисос кор мекунед. Вагарна шахс мумкин патент харад, бо ихтисоси дигар ғайрирасмӣ, бе шартнома кор кунад. Агар тафтиш шавад, ин қонуншикании калон ба ҳисоб меравад.* (Фотима).

*Як чизро гуфтан мехоҳам. Вақте шумо ба Россия меояд, ҳамон лаҳза шиносоне пайдо мешаванд, ки мегӯянд: ана, ман шиносе дорам, ки ҳозир суроғаашро медиҳам, ӯ ҳамаи ҳуҷҷатҳоятро тахт мекунад. Ин корро зудтару арзонтар анҷом медиҳад, ба ҳеҷ ҷо рафтан, дар навбатҳо истодан зарур намешавад. Бисёриҳо ба ин доми фиреб меафтанд. Баъд онҳоро политсия дастгир мекунад, тафтиш мекунад. Ва дар охир онҳоро чӣ интизор аст? Дуруст – ронда шудан (депорт)! Баъд онҳо шиква мекунанд, ки ман ҳамаи ҳуҷҷатҳоро доштам, барои чӣ ҳама кори Фарҳод тахт асту ман ба мушкилот дучор шудам. Яъне, ин ҷо ду вариант аст*

*ё ҳангоми тафтиш кори Фарҳод омад кард, ё ҳамаи ҳуҷҷатҳои ӯ расмию қонунӣ будаанд.* (Бахтиёр).

*Ҳамшаҳриёнамонро медонам, ки ғайрирасмӣ кор мекунанд. Аксар аз сабаби нодонӣ, онҳо ба вокзал омаданду кадоме ваъдаашон дод, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳоро бо нархи арзон тахт мекунад. Онҳо ба ин доираи фасоди ғайрирасмӣ афтодаанд, ки акнун аз он баромада наметавонанд.*
*Баъзеи дигар барои он ғайрирасмӣ кор мекунанд, ки мабалағҳоро сарфа кунанд. Яъне, чунин меҳисобанд, ки агар ман барои патент пул надодам, ин пулҳоро сарфа мекунам. Ин дурӯғ аст. Бори каҷ ба манзил намерасад. Кордиҳандаҳои хуб ҳозир кормандони ғайрирасмиро намехоҳанд. Яъне, дар назди онҳое кор кардан лозим меояд, ки он қадар виҷдони пок надоранд ва ҳар лаҳза фиреб кардан метавонанд. Ё кори бисёр сахт дар шароити хеле вазнин мефармоянд. Болои сӯхта намакоб, кордиҳандагон инчунин метавонанд, ки политсияро даъват карда, шуморо ба дасти он диҳанд. Ва ту комилан аз ин одамон вобаста мешавӣ.*
(Шуҳрат).

*Ҳуҷҷатҳои худро эҳтиёт кунед, ки гум нашаванд. Агар регистратсияро гум кардед, онро барқарор кардан мумкин аст. Бояд ба он шуъбаи муҳоҷират рафт, ки шуморо сабти ном кардааст. Патентро ҳам дар маркази муҳоҷират барқарор кардан мумкин аст, танҳо барои гирифтани*

*дубликат ариза навиштан лозим аст. Агар чекҳои пардохти патентро гум кардед ва онҳоро пешниҳод намудан зарур шудааст, ба бонке, ки дар он пардохт кардаед, равед. Аммо беҳтар аст, ки чизеро гум накунед.* (Фотима).

*Манро ғайриқонунӣ ронда буданд. Ба воситаи суд онро бекор карда тавонистам. Аммо дар махзан (база)-маълумот номи ман дар рӯйхати сиёҳ боқӣ монда буд. Чунин шудааст, ки маълумоти охирини ман ба махзан нарасидааст. Бо қарори суд ба шуъбаи назорати муҳоҷират рафтам. Дар он ҷо маро аз рӯйхати сиёҳ берун карданд.* (Отабек).

*Ҳамаи ҳуҷҷатҳоятонро худатон тайёр кунед. Ин арзонтар аст ва ҳам шуморо фиреб кардан наметавонанд. Ин дар назари аввал мураккаб ва нофаҳмо аст. Баъд худат ҳамаашро сарфаҳм меравӣ ва дигар ягон ёрдамчӣ даркор намешавад. Муҳим аст, бифаҳмед, ки дар Россия ҳамаи маълумот дар махзанҳои электронӣ нигоҳдорӣ карда мешаванд. Ва политсия метавонад ба осонӣ ҳаққонӣ ё қалбакӣ будани ҳуҷҷатро муайян кунад. Он чизе, ки шумо ғайрирасмӣ харидаед, дар ин махзанҳо нест, ҳатто агар миёнравҳо гӯянд, ки ин ҳуҷҷати хуб аст. Ва фиреб зуд ошкор мешавад. Агар шумо чунин ҳуҷҷатҳо дошта бошед, таваккали хатарнок мекунед.* (Дилшод).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Ҳамаи ҳуҷҷатҳоро худатон тайёр кунед, аз хизмати миёнравҳо истифода набаред. Аксар вақт миёнравҳо муҳоҷиронро фиреб карда, пули калонашонро мегиранду ҳуҷҷатҳои қалбакӣ медиҳанд. Ба ёд доред, ки ҳангоми фош шудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ҳамаи ҷавобгарӣ ба гардани худатон меафтад.

Ҳаққонӣ будани патенти корро шумо дар ин сайти расмӣ тафтиш карда метавонед Управления по вопросам миграции ГУ МВД России: https://гувм.мвд.рф дар бахши «Сервисы по вопросам миграции» - «Проверка действительности разрешений на работу и патентов на осуществление трудовой деятельности иностранными гражданами и лиц без гражданства».

Ҳуҷҷатҳои қалбакиро кормандони полисия ба осонӣ фош карда метавонанд. Барои ин онҳоро дар махзани электронӣ тафтиш мекунанд. Патентҳо, кортҳои муҳоҷирати қалбакӣ дар махзан нестанд, ҳатто агар миёнравҳо шуморо ба дуруст буданашон бовар кунонда бошанд ҳам.

Ғайр аз ин миёнравҳо метавонанд барои хизмате пул гиранд, ки он бепул аст ё арзиши камтар дорад.

Дар ҳолати гум кардани ҳуҷҷатҳо онҳоро ҳарчӣ зудтар ба идорае, ки онҳоро додааст муроҷиат карда, барқарор намудан мумкин аст. Ҳуҷҷати гумшударо ёфтан ва ё дар бораи гум шуданаш маълумотнома гирифтан дар Санкт-Петербург аз ин суроға мумкин

аст Городской центр утерянных документов (стол находок) ул. Большая Монетная, 16, 8 (812) 336-51-09

# ҶУСТУҶӮИ КОР ВА ОҒОЗИ КОР

*Бисёриҳо фикр доранд, ки агар шиносҳо кореро маслиҳат доданд, ин варианти беҳтарин хоҳад буд. Агар шумо корро ба воситаи шиносҳо ёфтед, ин кафолати хуб будани кордиҳандаро намедиҳад. Шиносҳои шумо хато карда метавонанд. (Меҳрубон). Агар шумо ҳамчун ронанда кор кунед, метавонам огоҳ кунам, ки таҷрибаи шумо дар кишвари худ он қадар дар Россия аҳамият надорад. Муҳимтар аст, ки таҷрибаи шумо ҳарчӣ бештар маҳз дар Россия бошад. Баъзе ташкилотҳо мехоҳанд, ки ту се сол собиқаи корӣ дошта бошӣ ва он 15 соли собиқаи ронандагият дар ватан ҳеҷ гуна таъсире надорад.* (Нуриддин).

*Барои онҳое, ки мехоҳанд ҳамчун ронанда кор кунанд. Ҳуҷҷати ронандагиро дар Россия бояд гирифт. Агар шаҳодатномаи ронандагии кишвари худро дошта бошед, он гоҳ баъди гирифтани имтиҳон шаҳодатномаи ронандагии Россияро медиҳанд. Шумо бояд аз назария ва малакаи ронандагӣ имтиҳон супоред. Ман аз имтиҳон танҳо дар маротибаи дуюм гузаштам. Агар мӯҳлати шаҳодатномаи ронандагӣ гузашта ё гум шуда бошад, шумо дар Россия аз нав бояд дар мактаби*

*ронандагӣ хонед ва имтиҳон супоред. Ба онҳое, ки бо мошин бо мақсадҳои шахсӣ, на корӣ меоянд иваз кардани шаҳодатнома шарт нест.* (Карим).

*Маълум шуд, ки ин тавр мумкин набудааст: ту бо патент, масалан, ҳамчун ронанда кор мекунӣ. Ва дар ин ташкилот аз ту илтимос мекунанд, ки масалан мудири анбор бошӣ. Ин аллакай қонуншиканӣ аст. Агар фош шавад, ҳолат бад мешавад.* (Баҳром).

*Муҳоҷирон вақте кордиҳанда онҳоро ба минтақаҳои гуногун барои кор мефиристад, ба мушкилот дучор мешаванд. Ман РВП дорам, бо РВП метавонанд ба сафарҳои корӣ фиристонанд, аммо дар ин кор ҳам маҳдудиятҳои муҳлатӣ мавҷуд мебошанд.* (Маҳмуд).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Кори ғайрирасмӣ дар ФР – қонуншикании ҷиддӣ аст. Машғул шудан бо кори ғайрирасмӣ бо ҷарима ҷазо додла мешавад. Донистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ, ҳимоя кардани худ аз таваккалҳои нодаркор зарур аст.

Ҳангоми ба нақша гирифтани корҷӯӣ дар Россия омӯзед, ки кадом касбҳо серталабгор мебошанд, пешакӣ муайян кунед, ки шумо ба кадом кор машғул хоҳед

шуд. Ҷойҳои холии кор (вакансияҳо)-ро дар ҳамаи минтақаҳои Россия аз ин сайт пайдо кардан мумкин аст: https://trudvsem.ru/. Дар ҳар минтақа махзани расмии худии ҷойҳои холии кор ба шакли онлайн мавҷуд аст.

Ба воситаи миёнравҳо, вақте ки худи кордиҳанда ва шартҳои кор ба шумо маълум нестанд, ба кор дохил нашавед. Саросема нашавед ва ба аввалин ҷойи пайдошуда ба кор надароед. Бо кордиҳанда во хӯред, ба ӯ саволҳо диҳед. Шарм надошта дар бораи музди кор – маблағи он, муҳлати пардохти он пурсед. Агар имкон бошад, бо кормандон суҳбат карда, дар бораи ҷои кори ояндаатон тасаввуроти пурра ҳосил кунед.

Ба бисёр муҳоҷирон барои дохил шудан ба кор шаҳодатномаи ҳуқуқи ронандагӣ даркор аст. Агар шумо шаҳодатномаи ронандагии миллии худро дошта бошед, метавонед бо супурдани имтиҳонҳо (назариявӣ ва малакаи ронандагӣ) онро бо шаҳодатномаи россиягӣ иваз кунед. Агар шумо шаҳодатномаи ронандагӣ надоред, ё муҳлати амали он гузашта бошад, дар мактаби ронандагӣ хондан ва имтиҳон супордан даркор аст.

Барои расман ба кор сар кардан дар ФР бо кордиҳанда ин шартномаҳоро бастан лозим аст:

• шартномаи меҳнатӣ – дар ҳолати кори доимии дарозмуддат дар ҷои кори кордиҳанда;

• шартнома дар бораи хизматрасонӣ, пудрати иҷрои ҳаҷми маҳдуди кор дар вақти маҳдуд.

Муҳоҷири меҳнатӣ бояд дар муддати 2 моҳ аз рӯзи гирифтани патент расман ба кор сар кунад, инчунин ба отдел по вопросам миграции УВМ ГУ МВД России нусхаи шартномаи меҳнатии худро фиристонад.

Меҳнати иҷора (аз тарафи кордиҳанда ба дигар ташкилотҳо равон кардани кормандони худ бе шартномаи меҳнатӣ) дар Россия манъ аст. Танҳо агентиҳои расмии хусусии шуғл ҳуқуқи пешниҳоди меҳнати кормандони худро ба дигар ташкилотҳо ва шахсони воқеъӣ доранд, ҳамзамон онҳо уҳдадор мебошанд:

• дар шартномаи меҳнатӣ бо корманди хориҷӣ нишон додани имконияти иҷрои кор дар ҷониби сеюм;

• бо корманд бастани шартномаи иловагӣ дар ҳолатҳое, ки ӯро барои иҷрои кор ба ҷониби сеюм равона мекунанд.

Ҳамаи агентиҳои хусусии шуғл дар феҳристи ягонаи Роструд сабти ном шудаанд - https://rostrud.gov.ru/opendata/7712345678-chaz Ҳатман тафтиш кунед, ки кордиҳандаи шумо дар ин феҳрист ҳаст ё не.

Барои расман ба кор даромадан муҳоҷир бояд инҳоро дошта бошад:

• шиносномаи хориҷии амалкунанда бо тарҷумаи русии аз ҷиҳати нотариалӣ тасдиқшудааш;

• дафтарчаи меҳнатӣ (дар ҳолати надоштани дафтарчаи меҳнатӣ онро бояд кордиҳанда барои муҳоҷир ташкил кунад);

• ИНН (рақами мушаххаси андозсупор);

• СНИЛС;

• патенти амалкунандаи кор;

• полиси амалкунандаи ихтиёрии тиббӣ (ДМС);

• диплом дар бораи таҳсилоти миёнаи махсус ё олии касбӣ – ҳангоми машғул шудан ба вазифаҳои тахассусӣ.

Дар Россия рӯйхати 135 касби мутахассисони баландихтисос амал мекунад. Чунин мутахассисон метавонанд барои гирифтани шаҳрвандӣ бо усули соддашуда дар ҳолати доштани собиқаи беш аз 1-солаи кори расмӣ дар ФР умед банданд. Дар ин рӯйхат  ихтисосҳои тиббӣ (фелдшер, хоҳари шафқат, духтур, акушер), педагогӣ (мураббӣ, муаллим,омӯзгор), муҳандисӣ, коргарӣ (челонгар, таъмиргар, барқчӣ, кафшергар, дастгоҳдор ва ғ.), кишоварзӣ ва дигар тахассусҳо ҳастанд. Бо ин рӯйхат дар интернет шинос шудан мумкин аст - Приказ Министерства труда и социальной защиты Российской Федерации от 25.11.2019 № 734н «Об утверждении перечня профессий (специальностей, должностей) иностранных граждан и лиц без гражданства - квалифицированных специалистов, имеющих право на прием в гражданство Российской Федерации в упрощенном порядке»

## ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ МЕҲНАТӢ

*Бе бастани шартнома ба кор розӣ нашавед. Ҳатман шартномаро хонед. Дар он бояд ҳамаи шартҳо навишта шуда бошанд: шумо чӣ кор бояд кунед, дар куҷо бояд кор кунед, бо кадом тартиб, музди меҳнат ва ғайра. Агар оид ба пардохти музди меҳнат шуморо фиреб диҳанд, бе шартнома дар он ҷо кардани шуморо исбот кардан душвор мешавад.* (Жумгалбек).

*Бисёр вақт муҳоҷиронро дар ҷои кор ҷарима мебанданд. Мегӯянд: ту ба кор дер омадӣ, дар ҷои кор бо телефон гап задӣ ё нақшаро иҷро накардӣ. Мувофиқи қонун дар Россия ҷарима бастан дар ҷои кор мумкин нест. Аз болои ин амал шикоят кардан мумкин аст.* (Фотима).

*Агар дар ҷои кор пардохти музди меҳнатро кашол диҳанд ва баъзан кам диҳанд ин аломати бад аст! Метавонанд гӯянд, ки муҳосиб касал шудааст, сардор нест, боз се рӯзи дигар интизор шавед ва садҳо баҳонаи дигар меоранд. Хавфи он аст, ки рӯзе簡 муздро умуман намедиҳанд. Аз чунин корхона зудтар гурезед.* (Гулнора).

*Ба ҳар ҳол аз ҷои кор бо либоси расмии корӣ акс гиред. Агар ба шумо музди кор надиҳанд ва гӯянд, ки шумо дар он ҷо кор накардаед, ин аксҳо исботи даъво шуд аметавонанд.* (Нурлан).

*Кордиҳандагоне ҳастанд, ки маҷбур мекунанд, бе рӯзи истироҳат кор кунед. Як вақт ман дар корхонаи нон кор мекардам ва ба ман гуфтанд, ки алҳол барои иваз кардани ту корманд надорем, ё кор мекунӣ ё аз кор туро меронем. Аммо ин амал ғайриқонунӣ аст. Шумо бояд рӯзи истироҳат дошта бошед. Ҳарчанд худи муҳоҷирон хурсанд ҳастанд, ки*

*бе истироҳат ҳам бошад, пули калон кор кунанд. Ба фикри ман, кордиҳандагон ҳам одат кардаанд, ки муҳоҷир бе истироҳат ҳам кор мекунад.* (Зилола).

*Ҳозир қариб ҳама смартфон ва интернет доранд, аммо бисёриҳо ин имкониятҳоро мувофиқи мақсад истифода намебаранд. Як шинос ба ман кор пешниҳод кард, ман ҳам рафтам ва гуфтанд, ки ҳуҷҷатҳоямро тайёр кунам. Баъд дар Яндекс номи кордиҳанда ва вокунишҳоро ҷустуҷӯ кардам, бисёр акси садоҳои бадро дар сайтҳо ва анҷуманҳои гуногун ёфтам, ки ин ташкилот музди меҳнатро намедодааст, одамон кор мекунанду дасти холӣ мераванд. Умуман, ман нарафтам. Ин усул на ҳамеша кор медиҳад, аммо баъзан ин гуна вокунишҳоро дар интернет ёфтан ва истифода бурдан мумкин аст.* (Токтаим).

*Боре чунин ҳодиса шуда буд – кордиҳанда шиносномаамро гирифт ва намедод. Баъд ман фаҳмидам, ки ӯ чунин ҳуқуқ надорад. Ба ӯ гуфтам, ки ба политсия муроҷиат мекунам. Шиносномаро дод.* (Раҳматулло).

*Агар шумо расман, бо шартнома кор кунед ва ҳуқуқҳои меҳнатии худро донед, ҳеҷ кас шуморо фиреб карда наметавонад. Ҳатто фиреб кунад ҳам, шумо худро метавонед ҳимоя кунед ва пулҳои ҳалоли худро баргардонед. Ҳар чизи дар шартномаро навиштаро бодиққат хонед. Ҳатман як нусхаи шартномаро бо худ гиред.* (Латифҷон).

*Ҳангоме ки ту бо ҳуҷҷатҳо дар як ташкилот ба кор медароию амалан дар ташкилоти дигар кор мекунӣ, фиреб мехӯрӣ. Метавонанд музди корро кам, ё умуман надиҳанд. Эҳтиёт кунед.* (Мавзуна).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Донистани ҳуқуқҳои меҳнатии худ ба шумо имкон медиҳад, ки дар Россия муваффақона кор кунед, инчунин ҳангоми поймолшавӣ ҳуқуқҳои худро ҳимоя карда тавонед.

Якум, расман кор кунед. Расман – яъне бо шартномаи меҳнатӣ, ки дар он ҳамаи шартҳои меҳнат ва подоши он зикр шудаанд ва як нусхааш дар дасти шумо ҳаст.

Дуюм, вақти кории худро қайд кунед, ки ҳангоми нофаҳмиҳо бо кордиҳанда ба кор меояд.

Ба ҳар ҳол далелҳои будани худро дар ҷое, ки кор мекунед, ҷамъоварӣ намоед. Инҳо метавонанд аксҳо ё нусхаҳои ҷадвалҳои корӣ, рухсатномаҳо, бейҷи коргар, расмҳои шумо дар ҷои кор, дар либоси корӣ бошанд.

Ба поймолшавии ҳуқуқҳои худ роҳ надиҳед. Аксар вақт кордиҳанда поймолкунии ҳуқуқи шуморо аз чизҳои хурд сар мекунад, мисли каме кашол додани муҳлати пардохти музди меҳнат, ҷаримаҳои ночиз. Агар корманд бесавод бошад ва ба чунин қонуншиканиҳо сабр кунад, бо мурури вақт онҳо мунтазам ва калонтар мешаванд.

Саводнокӣ ва огоҳии шуморо аз ҳуқуқҳои меҳнатӣ кордиҳанда аз рӯи муносибати шумо бо шартномаи меҳнатӣ, ҳангоми ба кор даромадан чӣ саволҳо доданатон, вокунишатон ба поймолшавии ҳуқуқҳоятон пай мебарад. Ҳатто калимаҳои «кодекси меҳнат», «прокуратура», «инспексияи давлатии меҳнат» дар суханронии шумо шуморо ҳамчун одами босаводе, ки ҳуқуқҳои худро ҳимоя карда метавонад, нишон медиҳанд.

Муфассал дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии худ шумо аз ин портал маълумот гирифта метавонед www.онлайнинспекция.рф. Дар он ҷо имкони фиристонидани аризаи электронӣ оид ба поймолшавии ҳуқуқҳои меҳнатӣ мавҷуд аст.

Донистани ҳуқуқҳои меҳнатии худ ва омода будан барои ҳимояи онҳо – кафолати асосии иҷро кардани уҳдадориҳои худ аз тарафи кордиҳанда мебошад. Барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ ба муҳоҷир маслиҳат медиҳем:

- ҳатман шартномаи меҳнатӣ бастан;
- рӯзномаи корӣ ташкил кардан – қайд намудани корҳои иҷрокарда, кай ва чӣ қадар маош гирифтан;
- дар даст нигоҳ доштани иқтибосҳо аз санадҳо, варақаҳои ҳисобӣ, рухсатномаҳо, нусхаи журнали баҳисобгирӣ, табелҳои вақти корӣ, ҳуҷҷатҳои гирифтани бор, либоси махсус ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба кор дахл доранд;
- ҳатман ба хотир гирифтани насаб, ном, робитаҳои рафиқон ва роҳбарони ҳамкор, ки метавонанд воқеияти кор кардан ва ҳаҷми маошатонро тасдиқ карда метавонанд;

• ҳангоми вазъиятҳои мураккаб дар гуфтушунидҳо бо кордиҳанда сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ бурдан, нигоҳ доштани мукотиба бо намояндагони кордиҳанда, аксҳо аз ҷои кор доштан.

Дар ҳолати кори расмӣ доштан мутобиқи м.360.1 ТК РФ Государственная инспекция труда метавонад кордиҳандаро маҷбур кунад, ки қарзи музди меҳнатро пардохт намояд. Барои ин ариза оид ба напардохтани музди меҳнат бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ба Государственнуя инспекция труда (ГИТ) дар минтақаи худ додан даркор аст.

Дар ҳолати кашол ёфтани пардохти музди меҳнат ба Шумо тавсия медиҳем:

• дар ҳолате, ки пардохти музди меҳнатро ба муҳлати зиёда аз 15 рӯз кашол диҳанд – Шумо ҳуқуқ доред мутобиқи қ.2 м.142 ТК РФ ба кордиҳанда дар бораи қатъ кардани кор бо сабаби пардохт нашудани музди меҳнат ариза диҳед;

• ба кордиҳанда барои додани нусхаи ҳуҷҷатҳо, ки ба кор дахл доранд, аз ҷумла варақаҳои ҳисобӣ мутобиқи м. 62 ТК РФ бо аризаи хаттӣ муроҷиат кунед;

• агар дар муддати 3 рӯзи корӣ нусхаҳои ҳуҷҷатҳоро нагирифтед, аз болои кордиҳанда ба Государственння инспекция труда шикоят кунед;

• ба кордиҳанда оид ба пардохти қарзҳои музди меҳнат эътироз кунед. Эътироз дастҷамъӣ ҳам шуда метавонад. Ҳангоми баррасии эътирозҳо кордиҳанда ҳуқуқи аз кор рондани шуморо надорад.

Ҳангоми супурдани ариза муҳим аст, ки дар дасти шумо нусхаи ариза бо имзо ва муҳри кордиҳанда дар бораи санаи қабули он мавҷуд бошад.

Агар кордиҳанда ба эътироз ҷавоб надиҳад – бо шикоят ба прокуратура ё суд мурочиат кардан даркор аст.

Мурочиатҳои дастҷамъона нисбат ба мурочиати як шахс самараи бештар меоваранд. Дар бораи қонуншикании оммавии ҳуқуқҳои меҳнатии муҳоҷирон мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллиро дар ҷои ҷойгиршавии кордиҳанда хабардор кардан даркор аст.

Инчунин кордиҳанда уҳдадор аст, ки талаботи қонунгузориро дар соҳаи муҳофизати меҳнат иҷро кунад – агар шароити меҳнат дар кори Шумо барои ҳаёт ва саломатӣ хатарнок бошад, корро қатъ кунед ва зуд ба Следственный комитет мурочиат кунед.

## Робитаҳои муфид

https://www.rostrud.ru/inspections/ - робитаҳои Государственных инспекций труда дар минтақаҳои Россия.

www.онлайнинспекция.рф – Хадамоти электронии Федеральной службы по труду и занятости (бо имкони фиристондани аризаҳо дар бораи поймолшавии ҳуқуқҳои меҳнатӣ);

www.гувм.мвд.рф – Сайти расмии Главного управления по вопросам миграции МВД России;

http://genproc.gov.ru/contacts/ipriem/ - қабулгоҳи интернетии Прокуратуры РФ;

http://sledcom.ru/#reception – сайти расмии Следственного Комитета РФ бо имкони фиристондани мурочиатҳои интернетӣ.

https://sudrf.ru/ - Портали интернетии системаи автоматии давлатии «Правосудие»: робитаҳои судҳо дар минтақаҳои ФР.

Робитаҳои ташкилотҳои давлатию ғайридавлатиро, ки метавонанд ба муҳоҷир дар ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ёрӣ расонанд, дар бахшҳои сайти www.migrussia.ru мутобиқи минтақаҳои худ ёфта метавонед.

Дар замимаи мобилӣ барои Android «Мигразия+» дар бахши «Документы» Шумо метавонед шакли аризаҳоро оид ба додани нусхаи ҳуҷҷатҳо, эътирозҳо ба кордиҳанда, ариза ба Государственную инспекцию труда дарёфт намоед.

## МУОШИРАТ БО ПОЛИТСИЯ

*Баъзе одамон шикоят мекунанд, ки онҳоро боздошт карда, пулҳояшонро гирифтаанд. Ба фикри ман, баъзе ҳуҷҷатҳои онҳо расмӣ нестанд. Ман чандин сол дар Петербург зиндагӣ мекунам, маро ҳам баъзан кормандони политсия нигоҳ медоранд, ҳуҷҷатҳоро тафтиш мекунанд ва ҷавоб медиҳанд. Ҳеҷ мушкиле нест!* (Салоҳиддин).

*Агар шумо бо кормандони бевиҷдони полистия дучор шудед, ҳатман рақами жетони сарисинагии онро нависед ё дар ёд доред. Барои он ки баъдан аз амалҳои ӯ шикоят кунед. Ва ҳатман нусхаи протоколи политсияро талаб карда гиред, агар ягон қонуншиканӣ бошад.* (Фарҳод).

*Барои олн ки бо политсия мушкилот надошта бошед, ҳамаи ҳуҷҷатҳоро тахт кунед ва ҳамаашонро*

*бо худ гиред. Политсия ҳуқуқ надорад, ки шиносномаи шуморо гирад*. (Шаҳноза).

*Метавонам гӯям, ки намуди зоҳирии ту боиси зуд-зуд аз тарафи политсия нигаҳ доштан мешавад. Агар либосҳои тозаю озода, риши тарошида дошта бошӣ, чаққа намешаванд. Ҷинсҳои кӯҳна, либосҳои варзишӣ диққатро ҷалб мекунанд. Ҳаминро дар мавриди сумкаҳои сиёҳ, борхалтаҳо, либосҳои тираю хира ҳам гуфтан мумкин аст. Гӯё либоси нонамоён мепӯшӣ, аммо дар шаҳре мисли Петербург ин баръакс намоён мешавад, чунки дар ин ҷо хеле тозаю озода либос мепӯшанд.* (Шерзод).

*Ҳамеша одамеро, ки дар чашмонаш биму тарс аст, боздошт кардан мехоҳанд, зеро шубҳа мекунанд, ки ҳуҷҷатҳояш дуруст нестанд. Бисёр муҳоҷирон, ҳатто онҳое, ки ҳуҷҷатҳояшон тахт ҳастанд, ба таври автоматӣ аз кормандони политсия метарсанд. Ва ин мушкили ҷиддист. Туро нигоҳ медоранд ва мисли барги бед меларзӣ. Баъд ба пурсуҷӯи ту сар мекунанд, тарси туро дида талаботи набударо пеш мегузоранд. Оромӣ ва худбовариро дар муносибат бо кормандони политсия омӯзед.* (Тоҳирҷон).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Вазифаи кормандони политсия муҳофизати тартиботи ҳуқуқӣ, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои аҳолӣ

мебошад. Муошират бо политсия набояд боиси тарсу ҳарос гардад. Аммо донистани ҳуқуқҳои худ ҳангоми муошират бо политсия зарур аст.

Шаҳрванди хориҷӣ бояд ин ҳуҷҷатҳоро бо худ дошта бошад:

• шиноснома

• корти муҳоҷират

• огоҳнома дар бораи сабти муҳоҷират (регистратсия)

• патенти кор бо чекҳои супурдани пешакии пардохтҳои андоз

• полисҳои амалкунандаи суғуртаи ихтиёрӣ (ДМС) ё ҳатмии тиббӣ (ОМС).

Ҳангоми муроҷиат ба Шумо корманди политсия бояд рутба, вазифа, насаби худро гӯяд, шаҳодатномаи хизматии худро мувофиқи талаби Шумо нишон диҳад, сабаб ва мақсади тафтиши ҳуҷҷатҳоро фаҳмонад

Ҳуҷҷатҳоро танҳо он кормандони политсия тафтиш карда метавонанд, ки дар иҷрои вазифаи хизматӣ бошанд. Онҳо нишони сарисинагӣ (жетон) доранд – рақами онро ба ёд гиред ё нависед, дар сурати пеш омадани мушкилот даркор мешавад.

Ба кормандони политсия пора надиҳед! Додани пора ҷиноят аст! Дар бораи тамаъҷӯии пул аз шумо бо телефони 112 хабар диҳед.

Протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи муҳоҷират танҳо аз тарафи кормандони Раёсати масъалаҳои муҳоҷират тартиб дода мешавад. Тартиб додани протокол маънои онро надорад, ки Шумо даррав ҷарима супоред – парвандаи Шумо бояд дар ҳузури худатон дар суд ё районном

отделении УВМ МВД муҳокима карда шавад. Баъди муҳокима бояд ба Шумо қарор диҳанд, ки Шумо ё онро иҷро мекунед, ё аз болояш дар муҳлати 10 рӯз шикоят мекунед.

Кормандони политсия ҳуқуқ надоранд, ки ҳуҷҷатҳои Шуморо ҳамчун замонати ҷарима ё дигар пардохт гиранд - ин ғайриқонунӣ аст (м. 19.17.КоАП РФ). Талаби пардохти ҷарима бе қарор оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳам ғайриқонунӣ аст.

Дар ҳолати поймол шудани ҳуқуқҳои шумо ҳангоми боздошт шумо метавонед ба Общественную наблюдательную комиссию (ОНК) муроҷиат кунед. Аъзои ОНК ҳуқуқ доранд, ки шароити нигаҳдории шаҳрвандони хориҷиро тафтиш кунанд, инчунин метавонанд ба шумо ёрии бепули ҳуқуқӣ расонанд.

Агар шумо шоҳиди аз ҳадди ваолатии хизматии худ гузаштани кормандони политсия, рад шудани қабули аризаатон, беамалии онҳо, тамаъҷӯии пора ва дигар амалҳои коррупсионии онҳо шудед, метавонед аз болои амалҳои ғайриқонунии кормандони политсия шикоят кунед.

**Робитаҳои муфид**:

Робитаҳои политсия – 02, 102 ё 112.

Сайт – www.мвд.рф

https://mvd.ru/contacts/sites – робитаҳои хатҳои доғи қисмҳои политсия дар минтақаҳои Россия.

https://мвд.рф/request_main - хабарҳои электронӣ ба политсия.

«Горячая линия» МВД РФ: 8 (800) 222-74-47

«Телефон доверия» ГУ МВД России

- по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области: 8 (812) 573-21-81

- по г. Москве: 8 (495) 694-92-29, по Московской обл.: 8 (495) 692-70-66

Дежурная часть ГУ МВД России

- по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области: 8 (812) 573-20-49

- по г. Москве: 8 (495) 694-83-90, по Московской обл.: 8 (495) 609-49-52

Главное управление собственной безопасности МВД России: 8 (495) 667-07-30

ОРЧ УСБ ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области: 8 (812) 541-02-02

Прокуратуры:

- г. Санкт-Петербурга: 8 (812) 315-48-53; Ленинградской обл.: 8 (812) 429-77-55.

- г. Москвы: 8 (495) 683-68-74; Московской обл.: 8 (495) 628-27-88,

Главное Следственное Управление Следственного комитета РФ

- по г. Санкт-Петербургу: 8 (812) 571-00-40, 8 (812) 570-66-71, по Ленинградской

- по г. Москве: 8 (495) 690-25-28, по Московской обл.: 8 (499) 184-00-65, обл.: 8 (800) 200-97-80.

Уполномоченный по правам человека

- в г. Санкт-Петербурге: 8 (812) 374-99-39, в Ленинградской обл.: 8 (812) 296-60-13.

- в г. Москве: 8 (495) 957-05-85, в Московской обл.: 8 (495) 650-20-38,

Ёрии бепули ҳуқуқӣ

- в Санкт-Петербурге и Ленинградской обл.: БФ «ПСП-фонд» 8 (812) 337-57-85, 8 (953) 141-31-09, www.psp-f.org
- в Москве и Московской обл.: Комитет «Гражданское содействие» 8 (495) 681-05-27, 8 (968) 918-98-65, www.refugee.ru

http://migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru/zakonodatelstvo/ - қонунгузорӣ, салоҳиятҳо, тартиби тафтиши ҳуҷҷатҳо ва шикоят аз амалҳои политсия дар Санкт-Петербург

Общественная наблюдательная комиссия (ОНК):

- Санкт-Петербург 8 (931) 352-06-35, onkspb.ru
- Ленинградская обл. 8 (911) 955-08-52, leningradskajaoblast.onk.su
- Москва 8 (495) 229-42-80, onk-moscow.ru
- Московская обл. 8 (495) 229-42-80, onk-mosobl.ru

## МАНЗИЛ

*Вақте ки хона ё ҳуҷраро ба иҷора мегиред, ба соҳибаш гӯед, ки ба шумо регистратсия кардан даркор аст. барои он ки одамоне ҳастанд, ки баъдан рад мекунанд.* (Умед).

*Аз ҳама манзили арзонтарини зист дар Россия – ҳостел аст. Баъзе кордиҳандагон хобгоҳи умумӣ пешниҳод мекунанд.* (Ислом).

*Агар аз рӯи эълонҳо хона ҷӯед, хеле бодиққат бошед. Фиребгарон бисёранд. Ва ҳеҷ гоҳ фақат барои дидани хона пул надиҳед!* (Гулнора).

*Ҳатман тафтиш кардан даркор аст: одаме, ки худро соҳиби хона мегӯяд, оё метавонад онро ба иҷора диҳад, бинобар ин бояд шиноснома ва ҳуҷҷатҳои хонаро дошта бошад. Ин фиребгарии хеле маъмул аст – шахсе ба шумо хонаро ба иҷора медиҳад, пули шуморо мегирад, аммо баъди се рӯз соҳиби аслӣ меояд ва шуморо меронад. Онҳо алабатта, бо ҳамон фиребгар забон як кардаанд, аммо шумо инро исбот карда наметавонед. Бинобар ин ҳатман бовар ҳосил кунед, ки маҳз соҳиби хона бо шумо муошират ва гуфтушунид мекунад.* (Рухшона).

*Барои пул додан ва ба хона кӯчидан саросема нашавед. Аввал ҳамаи масъалаҳоро гуфтугӯ кунед, дар бораи ҳамаи шартҳо ба мувофиқа расед, огоҳ шавед, ки ҳамсоягонатон киҳо ҳастанд. Ҳолати хонаро тафтиш кунед, кори барқ, гармидиҳӣ, обу ташнобро санҷед. Агар ягон чиз шикаста ё вайрон бошад, диққати соҳибхонаро ҷалб кунед, то баъд нагӯяд, ки ин корро шумо кардаед.* (Сюзанна).

*Агар шумо вақти иҷора гирифтани хона шартнома набандед, хавфи он аст, ки иҷорадиҳанда*

*як замон шартҳоро тағйир медиҳад, фаромӯш мекунад, ки дар бораи чӣ ба мувофиқа расида будед ё бехабар мегӯяд, ки барои ягон чизе, ки шарт накарда будед, бояд маблағ супоред.* (Юлия).

*Агар шумо дар хонае зиндагӣ карданӣ шавед, ки он ҷо муҳоҷирон бисёранд, хеле эҳтиёт кунед. Ин хонаҳоро политсия ба осонӣ тафтиш карда метавонад. Ҳамсояҳо шикоят мекунанд, ба политсия занг мезананд, ана, баъд тафтишро интизор шав. Анҷоми ин кор хуб нест.* (Даврон)**.**

*Баъзан чунин мешавад, ки одамон дар хонае зиндагӣ карданӣ мешаванд, ки онро ҳамшаҳриёни шинос ба иҷора гирифтаанд. Соҳиби хона мумкин аз ин хабар наёбад. Шумо ба шиносҳои худ пул додед ва зиндагиро сар кардед, баъд соҳиби хона омаду шуморо берун кард, зеро ӯ муқобили дигар бошандагон аст, ба ӯ ҳеҷ фарқ надорад, ки шумо ба шиносҳоятон пул додаед.* (Темирбек).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Ҳангоми ҷустуҷӯи хона хеле боҳтиёт бошед. Ба ширкатҳои шубҳанок муроҷиат накунед, танҳо барои дидани хона пул надиҳед, то имзо кардани шартнома маблағи иҷораро надиҳед.

Ҳангоми иҷораи манзил ҳамеша шартнома бандед. Иҷораи манзил бо созишномаи даҳонӣ оқибатҳои ногаҳонӣ, тағйири шартҳо ва ҳатто бехабар маҳрум шудан аз манзилро дорад.

Ҷониби қабулкунандаи худро огоҳ кунед, ки барои шумо регистратсия дар ҷои зист даркор аст – дар ин ҳолат шумо худро аз вайронкунии қоидаҳои муҳоҷират эмин медоред.

Маслиҳат медиҳем, ки ҳанӯз пеш аз омадан ба Россия манзил ёбед ва шарту шароиташро аниқ кунед: ҷои зисти шумо бояд бо ҷои регистратсия/ҷои сабти номи муҳоҷират мувофиқ ояд ва соҳиби ҳуҷра ё хона барои шумо ҷониби қабулкунанда ба ҳисоб равад.

Агентиҳои ғайриманҷули боэътимод идораҳои худашонро доранд ва рӯшод, бо лавҳаи номи худ кор мекунанд. Онҳо ҳаққи хизматрасониро танҳо баъди он, ки бо соҳиби манзил шартномаи иҷора баста шуд, мегиранд.

Эҳтиёт кунед – дар бозори манзил бо фиребгарон дучор шудан мумкин аст! Аз истифодаи ширкатҳое, ки “хизматрасониҳои иттилоотӣ” бо нархҳои хеле арзон пешниҳод мекунанд, худдорӣ намоед.

Ҳаққи иҷораи манзилро сари вақт пардохтан зарур аст. Шумо бояд дар шартнома зикр кунед, ки ҳаққи манзилро то кадом рӯзи ҳар моҳ пардохт мекунед.

Ҳеҷ вақт бе забонхат пул надиҳед – ҳамаи амалиёти марбут ба пул бояд дар коғаз навишта шаванд, то ки шуморо фиреб надиҳанд.

Ҳатман ба шартҳои барҳам хӯрдани иҷора таваҷҷуҳ кунед – соҳиби хона ҳақ надорад, ки бе асос

ва ба огоҳӣ шуморо ба кӯча ронад. Аз фиребгарон эҳтиёт шавед – то имзо кардану ба даст гирифтани шартномаи иҷора ба ҳеҷ кас пул надиҳед.

Ширкатҳои бисёре ҳастанд, ки дар хобгоҳҳои коргарӣ ва ҳостелҳои шаҳр ҷои зист пешниҳод мекунанд. чунин ширкатҳоро хеле осон дар интернет пайдо кардан мумкин аст.

Шумо ҳуқуқ надоред, ки манзили иҷораро ба рафиқони худ ба иҷора диҳед – ин ҳуқуқи истисноии соҳиби манзил аст. Ҳамаи истиқоматкунандагони манзили иҷоравӣ бояд дар шартномаи иҷора навишта шаванд.

Шумо уҳдадор ҳастед, ки дар манзили иҷоравӣ тартибот ва оромиро риоя кунед. Халалдор кардани оромӣ дар рӯзҳои корӣ аз соати 22 то соати 7, дар рӯзҳои истироҳат ва ид аз соати 22 то соати 12 манъ аст.

**Робитаҳои муфид**

• Манбаъҳои интернетӣ барои мустақилона ба иҷора гирифтани манзил дар Россия: https://realty.yandex.ru(Яндекс.Недвижимость) https://www.cian.ru/ (ЦИАН) https://www.avito.ru (Авито) https://www.bn.ru (Бюллетень недвижимости)

• Намунаи шартномаи иҷораи манзилро аз ин суроға гирифтан мумкин аст: http://migrussia.ru/poleznye-materialy/v-pomoshch-migrantu

## ҲОЛАТҲОИ МУРАККАБ

*Баъзан ҳолатҳои баде рӯй медиҳанд, муҳлати амали ҳуҷҷатҳо гузаштааст ё шумо огоҳ шудед, ки*

*манъи вуруд доред, хеши шуморо ба ЦВСИГ бурдаанд ё мисли ҳаминҳо. Одамон дар чунин ҳолатҳо сахт асабонӣ мешаванд ва қарори нодуруст қабул карда метавонанд. Ҳамон лаҳза “ёрдамчиён”-и гуногун пайдо мешаванд, ки ҳалли ҳамаи масъалаҳоро пешниҳод мекунанд, пул диҳӣ, тамом. Пеш аз ҳама ором бояд шуд. Баъд ташкилотҳои ғайритиҷоратии ҷамъиятӣ ва ҳомии ҳуқуқро, ки ба муҳоҷирон ёрӣ мерасонанд, ёфта, ҳолати худро баён кардан ва роҳи ҳалро ҷустан лозим аст. Мумкин ҷавоб ногувор бошад, роҳи ҳал пайдо нашавад, аммо беҳтар аст, ки ҳақиқати ҳоли худро фаҳмӣ, назар ба он, ки ба доми фиребгарон афтӣ, ки гӯё онҳо ҳама мушкилотро ҳал мекарда бошанд*. (Авлод).

*Агар мушкилот пайдо шуданд, мо мувофиқи одати кишвари худ зуд онҳоро ҳал кардан мехоҳем. Яъне ба назди хешу табор меравем то мушкилро бо пул ё ошнобозӣ ҳал кунем. Ин амал дар Россия натанҳо ба кор намеояд, ҳатто ҳолатро бадтар мекунад ва ғамовартар мегардад. Ба ёд доред, шумо дар кишвари дигар ҳастед ва ин ҷо ҳама чиз дигаргун аст. Ва ҳамватанони шумо ҳам метавонанд фиребатон кунанд ва аз ҳисоби шумо фоида гиранд. Афсӯс, ки чунин ҳам мешавад.* (Бахтиёр).

*Агар корти бонкиятонро гум кардед, ё онро дуздиданд, ҳарчӣ зудтар амали онро бояд қатъ кунед. Ин корро ба воситаи занги телефонӣ ба бонк*

*ё интернет анҷом додан мумкин аст. Ё ба шуъбаи бонк рафта, дар он ҷо амалашро қатъ кунед. Аммо барои гирифтани корти нав пул додан лозим аст. Инчунин фиребгарони зиёде ҳастанд, ки ба шумо занг зада худро корманди бонк мегӯянд ва маълумоти кортатонро мепурсанд. Ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ кас пин-коди корти худро нагӯед*. (Сюзанна).

*Ҳамаи пулҳоятонро ба хона нафиристед, барои рӯзи мабодо як қисми маблағро нигоҳ доред. Бо мо чунин шуд, ки дар карантин бекор мондем, пул набуд, баъдан боз бемор шудем. Хеле сахт буд. Бояд ҳамеша захираи пулро нигоҳ дошт*. (Асан).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Ҳангоми пайдо шудани ҳолатҳои гуногуни мушкил ва ҳассос пеш аз ҳам худро ба даст гиред. Ғаму ташвиш ба ҳалли зуд ва оқилонаи онҳо имкон намедиҳанд. Барилова шумо дар ин ҳолат барои фиребгарон осебпазиртар мешавед. Роҳи ҳалро аз шахсони наздикатон, ки ба онҳо бовар доред, пурсон шавед.

Дар телефон шумораҳои муҳимро сабт кунед: ёрии таъҷилӣ, политсия, сӯхторхомӯшкунӣ, хадамоти газ. Шумораи бонкеро, ки ба шумо хизмат мерасонад, сабт кунед.

Пешакӣ тасаввур кунед, ки мушаххасан кадом ҳолатҳои мушкил метавонанд пеши шумо пайдо

шаванд ва кӯшиш кунед, ба саволи худ ҷавоб ёбед, ки дар он ҳолат ман чӣ бояд анҷом диҳам ва ба кӣ муроҷиат кунам. Масалан, агар шумо ронанда ҳастед, донистан муҳим аст, ки ҳангоми садама ба сари шумо чӣ хоҳад омад; агар шумо ё наздиконатон касалии музмин дошта бошанд, ҳангоми хурӯҷи беморӣ чӣ бояд кард; агар шумо ё наздиконатон ба таври ғайрирасмӣ қарор дошта бошед, ба шумо чӣ таҳдид мекунад ва мисли онҳо.

Агар ба шиносҳоятон ягон ҳодисаи нохуш рӯй диҳад, бетараф набошед. Ҳатто имконияти ҷисмонӣ надошта бошед, метавонед онҳоро бо сухан дастгирӣ кунед ва барои ҳалли мушкилоти пешомада маслиҳат диҳед, аз иштибоҳ нигоҳашон доред. Ба ёд доред, ки одам ҳангоми мушкилот аз рӯйи эҳсоси шадид оқилона фикр карда наметавонад ва осебпазир мегардад.

**Робитаҳои муфид**:

http://migrussia.ru/ - дар бахши «Регионы» Шумо метавонед минтақаи зисти худро дар Россия пайдо кунед ва дар ҳолатҳои мушкил ба куҷо муроҷиат карданатонро фаҳмед бо интихоби бахши «Помощь»

Робитаҳои ташкилотҳои мададрасонро инчунин дар махзанҳои минтақавӣ пайдо кардан мумкин аст:

migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru – «Добро пожаловать в Санкт-Петербург!»: махзани интернетӣ барои муҳоҷирони Ҳукумати Санкт-Петербург

Migrantlenobl – «Добро пожаловать в Ленинградскую область»: замимаи мобилӣ ба забонҳои русӣ, ӯзбекӣ ва тоҷикӣ ба ёрии муҳоҷирони меҳнатӣ дар вилояти Ленинград.

# САЛОМАТӢ ВА ТИБ

*Бисёр муҳоҷирон намедонанд, ки ёрии тиббӣ дар ҳолати таҳдид ба ҳаёт бепул расонда мешавад. Онҳо, ҳатто дар дами марг ҳам бошанд, аз даъват метарсанд, ки мабодо ёрии таъҷилӣ ҳуҷҷатҳояшонро тафтиш карда, ба политсия хабар медиҳад. На, ин тавр нест, духтурон бо хадамоти муҳоҷират ва политсия робита надоранд, онҳо ба кори худ машғуланд.* (Гулнора).

*Агар шумо ҷавону солим бошед, ва нияти касалшавӣ ҳам надошта бошед, суғурта бароятон он қадар аҳаммият надорад. Агар ин тавр набошад, суғуртае харед, ки хизматрасониҳои иловагии тиббиро, ки ба шумо заруранд, дошта бошад.* (Артур).

*Ин як мавзӯи пӯшида аст, дар бораи он ҳеҷ кас ҳеҷ чӣ намегӯяд. Агар одамон мубталои ин бало шаванд ҳам, ба касе намегӯянд. Ба ватан ҳам баргашта, онро чун як шармандагӣ пинҳон мекунанд. Инро бояд донед: агар одам гирифтори ВИЧ, шуд, ҳамаи дарҳои Россия ба рӯяш баста мешаванд – на патент, на РВП, ҳеҷ чӣ гирифта наметавонад. Як шиноси шиносҳои ман ба ин дард дучор гардид ва тамоман ғайрирасмӣ шуд ва ӯро депорт таҳдид мекунад. Ӯ ба фонди мубориза бар зидди СПИД муроҷиат кард, ба ӯ кам-кам ёрӣ медиҳанд, аммо ин бадбахтӣ тамоми умр бо ӯ мемонад. Чи ҳам метавон гуфт? Дар бораи ин беморӣ маълумот гиред, то бидонед, ки чӣ тавр ва аз куҷо пайдо мешавад.* (Темир).

*Агар ба Шумо амалиёти фаврии ҷарроҳӣ зарур шавад, масалан, баъди осеби ҷиддӣ дар садамаи нақлиёт ё буридани аппендитсит, бидонед, ки чунин ҷарроҳиҳо бепул мебошанд.* (Марҳабо).

*Тибҳои гуногуни ғайрианъанавӣ, ҳатто дар шаҳрҳо мавҷуд мебошанд. Баъзе одамон ба ин бовар доранд ва пеши чуини табибон мераванд. Албатта, ҳар кас чӣ коре хоҳад, ихтиёр дорад ва ба ҳарчӣ бовар мекунад. Фақат огоҳ карданӣ ҳастам, ки агар касалӣ вазнин ва хатарнок бошад, чунин табобат зарар расонда метавонад. Вақт аз даст меравад ва аҳволи бемор вазнин мешавад, ки баъдан наҷотдиҳии он душвор мегардад. Вақт, пул ва саломатӣ барбод мераванд. Саломатии худро эҳтиёт кунед ва барои саломатӣ пулро дареғ надоред. Агар саломатиро бой додед, шумо пул кор карда наметавонед ва дар кишвари бегона ба ҳеҷ кас даркор намешавед.* (Миргул).

*Дар Россия муллоҳои пинҳонкоре ҳастанд, мегӯянд ҷинҳоро берун мекунанд ва ба касалиҳои гуногун шифо мебахшанд. Дар бораи онҳо рӯзномаҳо бисёр навиштаанд. Онҳо найрангбоз буда, мардумро фиреб медиҳанд. Дар Тоҷикистон бар зидди онҳо мубориза мебаранд, ҳоло барои ҷодугарӣ ҷазо ҳаст. Ҳоло баъзе аз онон ба Россия омадаанд. Назди онҳо наравед, вақту пул талаф медиҳед, онҳо ёрӣ расонда наметавонанд.* (Маҳина).



## ШАРҲИ КОРШИНОС

Ёрии фаврии тиббӣ дар Россия бепул расонида мешавад. Барои даъвати ёрии таъҷилии тиббӣ ба 112 ё 103 занг занед.

Шартҳои расондани ёрии нақшавии тиббӣ аз кишвари зодгоҳатон ва мақоми шумо дар Россия вобаста мебошанд. Агар шумо шаҳрванди ЕАЭС (Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Беларус) бошед ва бо шартномаи меҳнатӣ кор кунед, шумо ҳуқуқи бепул гирифтани ёрии тиббӣ бо полиси ОМС доред. Чунин шартҳо агар РВП ё ВНЖ дошта бошед, инчунин дар ҳолате, ки иштирокчии барномаи давлатии муҳоҷирати ҳамватанон бошед, амал мекунанд.

Расондани ёрии нақшавии тиббӣ барои шаҳрвандони давлатҳои боқимондапулакӣ аст. Хароҷоти як қисми хизмат метавонад бо полиси ДМС пӯшонда шавад. Дар ширкати суғуртае, ки шумо полис мегиред, метавонед номгӯи хизматҳоеро, ки дар доираи полис дохил мешаванд, аниқ кунед. Шумо ҳамеша метавонед миқдори хизматҳои тиббиро, ки ба воситаи полис пардохт карда мешаванд, васеъ кунед. Барои ин шуморо зарур аст, ки ба агенти суғурта фаҳмонед, ки маҳз кадом хизматҳо бароятон зарур мебошанд, то ӯ барномаи мувофиқи мақсади суғуртаро пешниҳод кунад.

Мо қатъиян тавсия намедиҳем, ки ба хизматрасонии мутахассисоне, ки тахассуси тиббӣ, иҷозатномаи расондани ёрии тиббӣ надоранд, инчунин

мутахассисоне, ки пинҳонӣ кор мекунанд, муроҷиат кунед. Муроҷиат кардан ба ин гуна мутахассисон боси талафи маблағ ва зарар расондан ба саломатӣ мегардад.

Донистан муҳим аст, ки дар Россия рӯйхати бемориҳое мавҷуд аст, ки барои гирифтани патент, РВП, ВНЖ ва шаҳрвандӣ монеа мешаванд. Ба чунин бемориҳо ВИЧ, сил, сифилис, муътодӣ ба маводи мухаддир, инчунин KOVID-19 дохил иешаванд. Дар ҳолати ошкор шудани ин гуна касалиҳо таҳияи ин ҳуҷҷатҳои шуморо қатъ мекунанд. Ин касалиҳо табобати ҷиддиро талаб мекунанд, дар акси ҳол вазъи саломатиятон вазнин мешавад ва аз ҳаёт ҳам маҳрум мешавед, бинобар ин кӯшиш накунед, ки ин мушкилотро бо роҳи ба даст даровардани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ барои воруди ғайрирасмӣ ба Россия ҳал кунед.

**Робитаҳои муфид**

Дар ҳолати мушкилоти гирифтани ёрии тиббӣ ба ин ҷо муроҷиат кардан мумкин аст:

- ба хати доғи Министерства здравоохранения: 8 (800) 200-03-89

http://migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru/budte-zdorovy/ - маълумоти муфассал дар бораи ёрии тиббӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ ва робитаҳои муассисаҳои тиббӣ дар Санкт-Петербург.

http://migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru/koronavirus/ - саҳифаи хати доғ барои муҳоҷирон дар шароити коронавирус дар Санкт-Петербург

8 (812) 576-28-67 – хати доғ барои муҳоҷирони меҳнатии Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге.

Лоиҳаи волонтёрии «Благотворительная Больница» (расондани ёрии бепули тиббӣ барои муҳоҷирон ва аҳли оилаи онҳо дар Санкт-Петербург)

https://vk.com/charityhospital

## ТАВЛЛУДИ КӮДАК ДАР РОССИЯ

*Баъзе муҳоҷирон дар Россия таваллуд мекунанд. Дар ин бора маълумоти бардурӯғ ва овозаҳо бисёранд. Чӣ бо пул асту чӣ бе пул? Худи таваллуд кардан бепул аст, чунки ёрии таъҷилии фаврии тиббӣ ба ҳисоб меравад. Шумо ёрии таъҷилиро вобаста ба таваллуд даъват мекунед ва шуморо ба таваллудхона мебаранд ва он ҷо бепул таваллуд мекунед. Аммо хизматрасонии баъдии тиббӣ, нигоҳубини модару кӯдак пулакӣ аст. Агар ҳангоми ҳомиладорӣ муоинаи тиббӣ кардан хоҳед, он ҳам пулакӣ аст. Зарур аст, ки пешакӣ дар бораи полиси тиббӣ фикр кунед, ҳамаи ин дар он навишта шуда бошад.* (Камилла).

*Ҳамин тавр шуд, ки ман дар Россия таваллуд кардам ва таҷрибаи худро гуфтанӣ ҳастам. Ману шавҳарам аз Ӯзбекистон ҳастем ва бо патент кор мекардем. Барои дигар муҳоҷирон шароит гуногун аст – агар шумо РВП доред ё аз ЕАЭС ҳастед, бароятон осонтар мешавад.*

*Агар шумо дар давраи ҳомиладорӣ аз муоинаи тиббӣ гузаштан хоҳед, полиси махсуси ДМС харидан лозим аст. Барои ҳомиладорон чунин полисҳо мавҷуданд, ки*

*онҳоро барои муҳлатҳои гуногун харидан мумкин аст. Ошкоро мегӯям, ки нархи чунин полисҳо гарон аст. Аммо ҳар бори ба назди духтур рафтан ва барои ҳар таҳлил пул додан лозим меояд, ки ин ҳам арзон нест.*

*Таваллуд дар Россия бепул аст. Аммо хизматҳои иловагии баъди таваллуд пулакӣ мебошанд. Шумо зуд фаҳмед, ки барои кадом хизмат ва чӣ қадар пул додан даркор аст, то ки зуд аз хизматҳои гарону барои шумо нозарур даст кашед.*

*Дар таваллудхона ба шумо дар бораи таваллуди кӯдак маълумотнома медиҳанд. Аммо ин кофӣ нест. Шумо бояд боз шаҳодатномаи таваллуд гиред. Барои ин ба  ЗАГС дар он ноҳияе, ки регистратсия доред, рафтан лозим меояд. Баъд кӯдакро ҳам ҳатман регистратсия кардан даркор аст.*

*Баъзе муҳоҷирон дар ин вазъият фикр мекунанд, ки чун кӯдак дар Россия таваллуд шуд, ӯ метавонад шаҳрвандии ФР-ро гирад. Ин тавр нест. Таваллуд шудани кӯдак дар Россия ба ӯ шаҳрвандии ин кишварро намедиҳад. Шаҳрвандии ӯ мисли шаҳрвандии волидонаш мешавад. Аммо агар яке аз волидон шаҳрванди Россия бошанд, он вақт кӯдак шаҳрвандии Россияро гирифта метавонад.* (Ҳилола).



## ШАРҲИ КОРШИНОС

Аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ таваллуд кардани кӯдак дар Россия иқдоми ҷиддӣ ва масъулиятнок аст, ки ба он ҳамаҷониба тайёр шудан даркор аст.

Дар сурати таваллуд кардан дар Россия барои шумо маблағҳои иловагии молиявӣ ва тайёр кардани ҳуҷҷатҳои иловагӣ зарур мешаванд. Инчунин ба бекормонии муваққатии модари кӯдак ҳам омода бошед – афсӯс, ки занони ҳомила ва занони дорои кӯдакони хурдсол ҳангоми дохил шудан ба кор таъбиз (дискриминатсия) мешаванд.

Агар шумо ҳангоми ҳомиладорӣ муоинаи духтури гинекологро дар маслиҳатгоҳи занона ба нақша гиред, ба шумо барномаи махсуси суғуртаи тиббӣ даркор мешавад, зеро полиси маъмулии ДМС хароҷоти ин хизматҳои тиббиро намепӯшонад. Аммо муҳоҷирон-шаҳрвандони ЕАЭС, инчунин дорандагони РВП ин хизматҳоро бо полиси ОМС бепул гирифта метавонанд.

Муоинаи ҳомиладорӣ имкон медиҳад, ки ҳолати саломатии модару кӯдак пайгирӣ карда, дар сурати пайдо шудани мушкилот саривақт дахолат карда шавад то таваллуд осон гузарад. Агар шумо полиси ОМС надошта бошед ва имкони пардохти барномаи пулакиро надоред, бо ин вуҷуд тавсия медиҳем, ки дар сурати пайдоиши дард, хунравӣ ва бад шудани саломатӣ ба духтур муроҷиат кунед. Ҳолатҳое мешаванд, ки равиши нодурусти ҳомиладорӣ натанҳо боиси марги тифл, инчунин модар мегардад.

Таваллуд дар Россия бепул аст. Барои ба таваллудхона рафтан ёрии таъҷилии тиббиро вақте, ки дард авҷ гирифт, даъват кунед. Дар Россия талабот оид ба мавҷудияти таҳлилҳо ва муоинаҳо барои қабул ба таваллудхона сахт аст. Дар сурати набудани таҳлилҳо ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳам ҳомиладорро қабул мекунанд, аммо дар шуъбаи обсерватсионӣ ҷой медиҳанд.

Ҳамаи хизматҳои тиббӣ ба ғайр аз таваллуд дар сурати надоштани полиси ОМС ё барномаи махсуси ДМС пулакӣ мебошанд. Пешакӣ аниқ кунед, ки барои чӣ ва чӣ қадар пул додан даркор аст, то ки ин боиси сарсонӣ нагардад.

Баъди рухсатӣ аз таваллудхона шумо дар бораи таваллуди кӯдак маълумотнома мегиред. Баъд бо ин маълумотнома ва ҳуҷҷатҳоятон шумо бояд барои кӯдак шаҳодатномаи таваллуд гиред. Ин корро дар ЗАГС-и ноҳияе, ки он ҷо регистратсия доред, анҷом медиҳанд. Баъди гирифтани шаҳодатномаи таваллуд аз шумо талаб карда мешавад, ки кӯдакро дар ҳисоби муҳоҷират сабти ном (регистратсия) кунед.

## ТАҲСИЛОТИ КӮДАКОН

*Дар шаҳрҳои калон ба кӯдакистон супурдани кӯдакон хеле душвор аст, ҷой намерасад. Агар шумо кӯдакони хурд дошта бошед, тайёр шавед. Беҳтар он аст, ки то омадан ба Россия фикр кунед, агар дар кӯдакистон ҷой набошад, чӣ кор мекунед. Мо маъмулан дар ин ҷо хеле зиёд кор мекунем ва бача доим танҳо хоҳад монд. Дугонаи ҳамкорам кӯдаки шашсола дорад ва ӯро дар хона танҳо мегузорад, аммо аз сабаби сафар, иқлими дигар ва танҳоии доимӣ духтарча зуд-зуд бемор мешуд. Модар ҳам асабонӣ мешавад, ки барои духтурону доруворӣ пул даркор асту вақти ӯ кам аст. Дар ин ҳолат ягон маслиҳате ҳам додан душвор аст. Фақат гуфтаниам, ки чунин ҳолат ҳам мешавад.* (Токтаим).

*Агар фарзандони шуморо ба мактаб қабул накунанд, ба РОНО – ин шуъбаи маорифи ноҳия аст, занг занед. Аммо барои ба мактаб ҷой кардани бачаҳо шумо бояд дар Россия ба таври расмӣ қарор дошта бошед.* (Юлия).

*Барои ба кӯдакистон ё мактаб сабт кардани фарзанд танҳо волидон ҳуқуқ доранд, ягон хешовандони дигар ин корро кардан наметавонанд.* (Шаҳноза).

*Агар иҷозати истиқомат доред ё ҳамватан ҳастед, фарзандонатон метавонанд ба коллеҷ ё донишгоҳ аз ҳисоби буҷет дохил шаванд. Барои хориҷиён квотаҳо барои гирифтани таҳсили олии бепул мавҷуд ҳастанд.* (Искандар).

*Ба фикри ман кӯшиш кардан даркор аст, ки бачаҳо дар ин ҷо маълумоти кофӣ гиранд, соҳиби касб шаванд, кори хуб ёбанд, шароиташон аз мо беҳтар бошад.* (Мавлуда).

*Бачаҳои то 18-сола, ки шаҳрванди Россия нестанд, мувофиқи қонун кор карда наметавонанд. Бинобар ин агар шумо бачаҳои масалан, 16-17-соларо ҳамроҳи худ овардед, бояд онҳо кор накунанд, вагарна ин ғайрирасмӣ хоҳад буд.* (Баҳор).

*Огоҳ кардани ҳастам, ки дар ин ҷо, махсусан, ки агар худ ҷои кор наёфта бошед, бо бачаҳо будан душвор аст. ман аввал духтару ҳамсарамро оварда будам, аммо баъди як сол онҳо ба ватан баргаштанд. Дар кӯдакистон ҷой ёфт нашуд. Барои тарбияти бачаҳо вақт намерасад. Бачаҳоро ба Россия овардан мумикн аст, ба шарте ки худ мавқеи устувор пайдо карда бошед. Вагарна онҳо ҳам азоб мекашанду шумо ҳам дар ташвиш мемонед.* (Далер).

*Дар мактабҳои русӣ таҳсил кардани фарзандон осон нест. Барномааш вазнин, аз они мо фарқ дорад. Дониши забони русии бачаҳо низ суст. Аз ин сабаб омӯхтани дигар фанҳо ҳам душвор мешавад. Аз ҳама муҳим бачаҳоро иловатан забони русӣ омӯзондан зарур, ба курсҳо рафтан ё репетитор гирифтан даркор аст. Агар шумо дар Россия ба муҳлати дароз истодан ё дар оянда ин ҷо зиндагӣ кардан хоҳед, бигзор бачаҳои шумо аз ҳамин зинаҳои аввал забони русиро нағз азхуд кунанд. Аммо ин ҷо фақат мардикорӣ омада ва баъд ба хона баргаштанӣ бошеду он ҷо монед, он гоҳ шояд шарт набошад, ки бачаҳоро аз ин кишвар ба он кишвар бареду оред.* (Заҳина).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Чун ба Россия бо бачаҳои хурд омадед, ба душвориҳои эҳтимолӣ барои ба кӯдакистон шомил

кардани онҳо омода бошед. Дар шаҳрҳои азим ҷойҳо дар кӯдакистон маҳдуд мебошанд. Бачаҳоро ба кӯдакистон хеле барвақт сабт мекунанд, аммо дар ин ҳолат ҳам ҷой барои ҳама намерасад.

Мувофиқи қонунҳои Россия таҳсил дар мактаб ҳатмӣ аст ва ҳамаи бачаҳои синни мактабӣ бояд дар мактаб таҳсил кунанд. Ҳамзамон ба шаҳрвандони хориҷии аз 18-сола хурд кор кардан манъ аст.

Барои қабул ба мактаб шуморо ҷавоби рад дода наметавонанд. Аммо рад кардан танҳо бо сабаби набудани ҷой дар мактаб буда метавонад. Дар ин ҳолат мактаби дигарро тавсия медиҳанд, ки чунин ҷойҳоро дорад.

Агар шумо дар қабули фарзанд ба мактаб ба мушкилот дучор шудед, метавонед ба РОНО - шуъбаи маорифи ноҳияе, ки он ҷо регистратсия доред, занг занед.

Барномаи мактабӣ хеле фарқ карданаш мумкин аст. Агар фарзанди шумо забони русиро нағз надонад, ин барои таҳсилаш мушкилоти иловагӣ эҷод мекунад. Дар ин ҳолат агар бачаро ба синфи поёнтар қабул кунанд, муқобил набароед, ки хонданаш дар он синф осонтар мешавад.

Дар ёд доред, фарзанди шумо дар ин ҷо назар ба ватан ба дастгирии бештар ниёз дорад. Вақт ёфта бо ӯ дар масъалаҳои ба ӯ мароқангез суҳбат кунед, аз рафти хонданаш огоҳ шавед. Аз суҳбату муошират бо роҳбари синф шарм надоред, дар маҷлисҳои волидон иштирок кунед.

Фаъолиятҳои гуногуни берунидарсӣ имкон медиҳанд, ки бача ба иҷтимоъ ворид гардад. Инҳо

метавонанд маҳфил ё бахш, курси забономӯзӣ, чорабиниҳои гуногун барои ҷавонон бошанд. Чунин фаъолнокӣ метавонанд барои зуд мутобиқшавии ӯ, ёфтани дӯстони нав, паси сар кардани ҳаяҷонимутобиқшавӣ мадад расонанд.

Мақсади воруди бачаҳои синни мактабӣ ва томактабӣ – "хусусӣ" аст, ӯ ҳуқуқ дорад, ки дар Россия на зиёда аз 90 шабонарӯз дар муҳлати ҳар нимсола аз санаи вурудаш истиқомат кунад. Агар бача шомили кӯдакистон ё мактаб бошад – муҳлати амали сабти муҳоҷираташро ба муҳлати регистратсияи волид ё ҳарду волидонаш, ки бо патент кор мекунанд, аммо на зиёда аз 3 моҳ дароз кардан мумкин аст. Барои дароз кардани муҳлати регистратсияи кӯдак ба УВМ ГУ МВД Россия дар ҷойи регистратсияатон муроҷиат ва ин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кунед:

- ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсили кӯдак дар мактаб (маълумотнома);
- чекҳо-расидҳо дар бораи пардохти патенти кор;
- огоҳнома дар бораи сабти номи кӯдак ва волидон дар ҳисоби муҳоҷират – дар ҳамон як суроға.

Агар кӯдак ба таҳсил дар мактаби Россия тайёр набошад, забони русиро нағз надонад, бо бачаҳои рус бо душворӣ муошират намояд, дар баъзе минтақаҳо ба ташкилоти ҷамъиятӣ муроҷиат карда, ёрӣ гирифтан мумкин аст. Волонтёрҳо ба бачаҳо машғулиятҳои омӯзишии бепул мегузаронанд, барномаҳои фароғатию фарҳангӣ ташкил мекунанд, ба бачаҳо барои мутобиқ шудан дар ҷамъияти россиягӣ мадад мерасонанд.

## Полезные контакты:

Агар бар масъалаи қабул ба мактаб мушкилие пеш ояд, ба **Комитет или Департамент по образованию** – муроҷиат кунед, ки дар ҳар минтақа амал мекунад:

Санкт-Петербург: 8 (812) 576-20-19, 8 (812) 576-18-36, 8 (812) 576-18-76, 576-18-74.

Вилояти Ленинград: 8 (812) 611-44-90

Москва: https://www.mos.ru/feedback/reception/

Вилояти Москва: 8 (498) 6021027

https://open.edu.gov.ru/appeals/e-send/ - барои шикоятҳои электронӣ ба Министерство просвещения РФ

Минпросвещения России - https://open.edu.gov.ru/appeals, +7 (495) 587- 01-36

**Многофункциональные центры предоставления государственных услуг** (МФЦ)

Телефони "хати доғ"-и МФЦ барои қабули бачаҳо ба кӯдакистон ва синфи 1-и мактаб:

- ш.Санкт-Петербург: 8 (812) 573-90-60; https://gu.spb.ru/mfc; Вилояти Ленинград.: 8 (800) 500-00-47, http://mfc47.ru
- ш. Москва: 8 (495) 777-77-77; https://md.mos.ru; Вилояти Москва.: 8 (800) 550-50-30,https://uslugi.mosreg.ru

Дар ҳолати поймолшавии ҳуқуқи кӯдак ба ин ҷо муроҷиат кардан мумкин аст **Уполномоченному по правам ребёнка**:

• Уполномоченный по правам ребенка в РФ - deti.gov.ru
• Санкт-Петербург: spbdeti.org, 8(812) 576-70-00
• Вилояти Ленинград: 47deti.ru , 8 (812) 400-36-49
• Москва: ombudsman.mos.ru, 8 (495) 957-05-85
• Вилояти Москва: detimo.mosreg.ru, 8 (498) 602-32-07

**Ташкилотҳои волонтёрӣ дар минтақаҳои ФР**

Волонтёрҳо ба бачаҳо машғулиятҳои омӯзишии бепул мегузаронанд, барномаҳои фароғатию фарҳангӣ ташкил мекунанд, ба бачаҳо барои мутобиқ шудан дар ҷамъияти россиягӣ мадад мерасонанд.

• Дар Санкт-Петербург:

АНО «Дети Петербурга»

http://detipeterburga.ru/ телефон: +7 911-773 7787

Дар назди ташкилот Маркази ҷавонон амал мекунад.

•Дар Москва ва Наздимосква:

Маркази мутобиқшавӣ ва омӯзишии бачаҳои гурезагон «Такие же дети»

kidsarekids-center.com

•Дар вилояти Москва:

Мактаби забономӯзии «Ковчег»

http://pereletnye-deti.ru/

# ИҶОЗАТИ ИСТИҚОМАТИ МУВАҚҚАТӢ (РВП)

*Агар РВП гирифтанӣ бошед, ба миёнравон муроҷиат накунед, ҳама корро худатон анҷом диҳед. Умуман ҳар қадар, ки ба миёнравон камтар муроҷиат кунед, имкони фиреб нахӯрданатон бештар мешавад ва шумо пулҳоятонро нигоҳ медоред. Барои бо миёнравон корафтода нашудан бояд худатон хонеду донед, натарсида аз дигарон пурсед. Ман бо квота РВП гирифтам. Аммо ин душвор аст, ба ҳар кас муяссар намешавад. Квотаҳо кам, навбатҳо хеле*

*зиёд. Аммо санҷидан мумкин, мебинед, ки бахт ба рӯятон хандидааст.* (Роза).

*РВП-ро бе квота ба воситаи ақди никоҳ бо шаҳрванди Россия гирифтан мумкин аст. Ин РВП дар минтақае амал мекунад, ки шавҳар ё зани шумо он ҷо сабти истиқомат доранд. Мустақилона ба дигар минтақа барои кору зиндагӣ рафтан мумкин нест. Дар ин ҳолат метавонанд РВП-и шуморо бекор кунанд. Чунин ҳолат шуд, ки мо бояд ба дигар минтақа кӯч мебастем. Барои ҳалли ин кор ба раёсати масъалаҳои муҳоҷират рафта, дар бораи кӯҷиданамон ариза навиштем ва дар минтақаи дигар РВП-и нав гирифтем.* (Кирилл).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Агар шумо зуд-зуд ва ба муҳлати зиёд ба Россия оед, шояд дар бораи чӣ тавр ба мқуҳлати дароз дар ин ҷо истиқомат кардан фикр кунед. Ин имкониятро гирифтани иҷозати истиқомати муваққатӣ (РВП) хоҳад дод..

РВП ба муҳлати се сол дода мешавад. РВП имкони ба таври расмӣ дар Россия зиндагӣ ва кор карданро медиҳад. Агар РВП бошад, гирифтани патент талаб карда намешавад. РВП ҳуқуқи истифодаи бепули хизмати тиббиро бо гирифтани полиси ОМС медиҳад.

Ба ёд доред, ки РВП масъулиятро барои вайрон

кардани қонунгузории Россия аз гарданатон соқит намекунад. Агар қонунгузории муҳоҷиратро поймол кунед, инчунин барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шуморо метавонанд аз ин мақом маҳрум кунанд.

Эҳтиёткор бошед – ба миёнравҳо барои гирифтани РВП муроҷиат накунед! Онҳо мухрҳои қалбакӣ барои гирифтани РВП тайёр мекунанд ва дар сурати фош шудан Шуморо метавонанд барои дидаю дониста сохтани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ба муддати то 6 моҳ (ч.3 ст.327 УК РФ) ба ҳабс гиранд – роҳи гирифтани шаҳрвандии ФР ба рӯятон баста мешавад!

Шумо метавонед барои гирифтани РВП дар шакли электронӣ ҳам ариза диҳед. Барои шинос шудан бо ин тартибот аз ин сайт истифода бурдан мумкин аст: www.gosuslugi.ru.

Шаҳрванди хориҷӣ, ки иҷозати истиқомати муваққатӣ дар ФР гирифтааст бояд дар ҳамон минтақаи ФР, ки РВП гирифтааст, доимӣ зиндагӣ ва кор кунад ва мунтазам – дар муддати 2 моҳ то ба охир расидани соли навбатии истиқомат (ҳангоми будани сабабҳои асосноки ҳуҷҷатӣ – на дертар аз 6 моҳ то ба охир расидани соли навбатии истиқомат) – ба территориальный отдел Главного управления по вопросам миграции МВД РФ аз тасдиқи истиқомати худ дар Федератсияи Россия огоҳнома ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи микдор ва манбаъи даромади худро дар ФР пешниҳод кунад.

**Робитаҳои муфид***:*

http://migrussia.ru/ - дар бахши «Регионы» шумо минтақаи истиқомати худро дар Россия пайдо кунед

ва тарзи гирифтани РВП-ро дар бахши «Оформление РВП» донед.

Маълумоти муфассал оид ба тартиби додани ариза барои гирифтани РВП ва ҳуҷҷатҳои барои ин кор зарурро дар ин саҳифа фаҳмидан ва боргирӣ кардан мумкин аст Главного управления по вопросам миграции МВД России – www.мвд.рф/Deljatelnost/emvd/guvm/выдача-разрешения-на-временное-проживани

## ШАҲРВАНДИИ ФР

*Муҳоҷирати ҳамватанон – ин, албатта, роҳи аз ҳама осон ва тезтари онҳоест, ки мехоҳанд дар Россия истанд ва шаҳрвандӣ гиранд. Дар бораи ин барнома маълумот гиред, шояд шумо ҳам мувофиқ оед. Дар ин барнома натанҳо русҳо иштирок карда метавонанд. Танҳо бо ин барнома ба шаҳрҳое монанди Москва ё Петербург омадан намешавад, аммо бисёриҳо ҳаминро мехоҳанд.* (Айдан).

*Эҳтиёт кунед, агар ҳуқуқвайронӣ кунед, мақоми шуморо бекор кардан метавонанд. Масалан, ду бор қоидаи ҳаракати роҳро вайрон кунед, агар таксирон бошед, чунин шуданаш аз эҳтимол дур нест, метавонанд манъи вуруд кунанд, баъд РВП ва ҳатто ВНЖ-ро аз эътибор соқит донанд. Агар ҷаримаро дар вақташ супурдед, фикр накунед, ки мушкилот ҳал шуд. Ҳатман ҳамаи қонуну қоидаҳоро риоя кунед, то ҷарима нашавед.* (Амирҷон).

*Метавонам оид ба барномаи муҳоҷирати ҳамватанон чанд маслиҳат диҳам. Якум, маслиҳат медиҳам, ки пешакӣ ба минтақаи интихобкардаи худ оед. Ягон чизи хонда ва шунидаатон наметавонанд фаҳмед ва ҳис кунед, ки минбаъд дар ин ҷо кору зиндагӣ кардан метавонед ё не. Беҳтар аст, ки ҳама чиро бо чашми худ бинед, сайр кунед, бо мардум ҳамсуҳбат шавед, аз ҳавои он нафас кашед. Дуюм, омӯзед, ки дар бозори меҳнати он ҷо чӣ мегузарад, кадом соҳаҳо асосӣ мебошанд, кадом ихтисосҳо серталабгоранд, музди меҳнат чанд аст. Агар шумо ба ягон ҷои кор омадаед, маънои онро надорад, ки тамоми умр дар он кор хоҳед кард. Сеюм, агар шумо бовар надоред, ки дар ин минтақа се сол тибқи барнома истиқомат карда метавонед, ба сафархарҷию ҷубронҳо тамаъ накунед, зеро агар пеш аз муҳлат аз минтақа равед, онҳоро баргардондан лозим мешавад. Чорум, дар хориҷа барои РВП ҳуҷҷат тайёр кардану онро гирифтан осонтар аст, аммо вақти зиёдро талаб мекунад.* (Владимир).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Роҳи стандартии гирифтани шаҳрвандии Россия чунин аст: гирифтани иҷозати истиқомати муваққатӣ – гирифтани иҷозати истиқомат – гирифтани шаҳрвандии ФР.

Дар тартиби умумӣ қарорро Президенти ФР қабул мекунад, дар тартиби соддакарда – мақомоти

ҳудудии главного управления по вопросам миграции МВД РФ дар субъектҳои ФР.

Яке аз шартҳои асосии қабул ба шаҳрвандии ФР ба муҳлати 5 сол ба тavри доимӣ (яъне, бо доштани иҷозати истиқомат), бе танаффус зиндагӣ кардан аст. Барои баъзе категорияҳои шаҳрвандони хориҷӣ ин муҳлат то як сол кам карда, ё умуман бардошта мешавад.

Барои як қатор категорияҳои шаҳрвандони хориҷӣ накшаи соддакардаи гирифтани шаҳрвандии Россия мавҷуд аст.

**Ҳангоми қабули қарор оид ба шаҳрвандӣ бо тартиботи умумӣ ва соддакарда ба омилҳои зерин диққати ҷиддӣ дода мешавад**:

• дар аризадиҳанда мавҷуд будани манбаъҳои қонунии маблағҳо барои зиндагӣ;

• мурочиат ба мақоми салоҳиятдори давлати хориҷӣ бо ариза дар бораи даст кашидан аз шаҳрвандии мавҷуда;

• донистани забони русӣ.

**Робитаҳои муфид***:*

Агар шумо ба Федератсияи Россия кӯчида омада ва шаҳрвандии Федератсияи Россияро гирифтан мехоҳед, решаҳои пайдоиши россиягӣ доред, шумо ва аъзои оилаи шумо аз барномаи давлатии муҳоҷирати ҳамватанон истифода бурда метавонед. Иштирок дар барномаи давлатӣ имкон медиҳад, ки дар муҳлати 6 моҳ шаҳрвандии Россияро гиред. Муфассалан дар бораи барномаи давлатӣ, минтақаҳои ФР, шартҳои муҳоҷират ва гирифтани дастгирии давлатӣ аз ин сайт маълумот гирифта метавонед: www.aiss.gov.

ru – Портали «Соотечественники»: сайти барномаи давлатии муҳоҷирати ҳамватанон ба ФР.

https://pereselenie.com/ сайти БФ «ПСП-фонд» бахшида ба барномаи муҳоҷирати ҳамватанон дар ҳамаи минтақаҳои ФР.

http://migrussia.ru/ - дар бахши «Регионы» шумо метавонед минтақаи зисти худро дар Россия ёбед ва тарзи гирифтани шаҳрвандии ФР-ро бо интихоби ин бахш донед «Вступление в гражданство», дар бахши «Государственные программы» - тафсилотро оид ба амали бaрономаи давлатии муҳоҷирати ҳамватанон дар ин минтақа фаҳмед.

## ҲАМКОРӢ БО АҲОЛИИ МАҲАЛЛӢ

*Тавре, ки дар ҷамъияти Россия қабул шудааст, рафтор кунед. Агар шумо аз шаҳрҳои азим омада бошед, ҳама чиз бароятон фаҳмо аст, агар аз ягон деҳа омада бошед, мутобиқ шуданатон душвор мешавад. Масалан, одам дар деҳаи худ шахси муҳим ва муҳтарам буд, ба шаҳри калон омада, аз дигар одамон нисбати худ эҳтиромро интизор мешавад. Ва ӯ метавонад дар мунокиша бо одамони маҳаллӣ худро бад ва нодуруст нишон диҳад. Ман инро дидаам ва нодуруст мешуморам.* (Дилшод).

*Мо анъанаю одатҳое дорем, ки русҳо фаҳмидан наметавонанд ё ба онҳо маъқул намешаванд. Ҳамин тавр ба шумо ҳам баъзе анъанаҳои русҳо мумкин*

*маъқул нашаванд. Аз ин муноқиша кардан даркор нест. Одамони гуногун ба тарзҳои гуногун зиндагӣ мекунанд, тамом.* (Нуриддин).

*Ман бо аҳолии маҳаллӣ муносибати хуб дорам, ягон мушкилот сар намезанад. Ба фикрам, ин ба хотири он аст, ки ман дар мактаби русӣ таҳсил кардаам, китобҳои русӣ хондаам, киноҳо ва барномаҳои русиро тамошо кардаам, барои ман муҳити русӣ, фарҳанги русӣ ошно ва фаҳмо аст. Агар дар бораи Россия, фарҳанги рус ягон чӣ хонда бошед, муоширататон бо маҳаллиҳо осон хоҳад шуд.* (Фаррух).

*Агар дар кӯча ба шумо ягон гапи бад гӯянд, аҳамият надиҳед. Беадабон дар ҳама ҷо дар байни ҳама миллатҳо ҳастанд. Аз ҳама асосӣ – худатон бояд боодоб бошед.* (Латифҷон).

*Мову русҳо барои суҳбат мавзӯҳои умумӣ бисёр дорем. Ин давлати умумӣ, ки ҳама дар он зиндагӣ ва ободӣ мекардем – Иттифоқи Шӯравӣ. Ин ҷанге, ки ҳама якҷоя бар зидди фашизм мубориза бурдем. Зарур аст, ки ин чизҳои муштаракро дар суҳбатҳо ёдоварӣ кунем.* (Собирҷон).

*Ман сартарошӣ мекунам, ба назди мо кампирҳо бештар меоянд, чунки арзонтар аст. Ман бо онҳо муоомилаи хуш мекунам, аллакай дар байни онон шахсоне*

*ҳастанд, ки фақат ба назди ман меоянд. Ман дар бораи ҳаёти онҳо дар Россия бисёр чизҳоро медонам, ҳатто як мизоҷам ба ман дар ёфтани манзил ёрдам кард. Аз муошират бо мардум натарсед.* (Заҳина).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Дар ҷаҳон фарҳангҳо ва анъанаҳои гуногун мавҷуд мебошанд, ки ин табиист. Ҷаҳон беранг мегардид, агар ҳамаи мардум андешаи якхеле медоштанд, либоси якхела мепӯшиданд, ҷашнҳои якхеларо таҷлил мекарданд ва хӯроки якхеларо мехӯрданд.

Ба анъанаву одатҳои ношинос, ҳатто барои шумо нофаҳмо бошанд ҳам, душманона муносибат накунед. Имконияти ошно шуданро бо анъанаҳои дигар ва тарзҳом дигари зиндагӣ аз даст надиҳед. Мушоҳидакор бошед, ба он диққат диҳед, ки чӣ тавр дар ин ё он ҳолати мушаххас рафтор кардан даркор аст.

Дар доираи наздикон ва муҳоҷирони монанди худ маҳдуд нашуда, бо аҳолии маҳаллӣ муошират кунед.

Агар бо муносибати манфӣ нисбати худ дучор шудед, оромиро аз даст надиҳед. Муносибати манфӣ чун қоида аз он сарчашма мегирад, ки аҳолии маҳаллӣ до муҳоҷирон муошırати шахсӣ надоранд, маълумотро дар бораи муҳоҷирон асосан аз васоити ахбори омма мегиранд, ки муҳоҷиронро аз ҷиҳати манфӣ муаррифӣ мекунанд. Шумо метавонед бо рафтори самимӣ ва некхоҳонаи худ ин тасаввуроти манфиро тағйир диҳед.

Бо ҳамсояҳо саломуалейк кунед, ҳангоми вохӯрӣ бо табассум дӯстхоҳ будани худро нишон диҳед. Ба пиронсолон ёрӣ пешниҳод намоед, ба зане, ки аробачаи кӯдак дорад, мадад расонед – ҳатто камтарин аломати меҳрубонӣ шуморо дар назари дигарон нек нишон медиҳад. Аз ҷанҷол бо ҳамсояҳо худдорӣ кунед. Ҳатто камтарин ҷанҷол бо онҳо боиси ҷанҷоли калон, масалан, аз ҷониби ҳамсояҳо даъват кардани политсия мегардад.

Дар нақлиёт хӯрдан ё баланд гап задан, дар кӯча пиво нӯшидан, атрофро чиркин кардан ҷоҳилӣ ва беадабӣ ҳисоб карда мешавад. Дар нақлиёт ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба калонсолон ҷой додан нишонаи одоб аст.

Фарҳанги шаҳрӣ муносибати эҳтиромонаро ба фазои шахсии ҳар инсон қабул дорад. Вайрон кардани фазои шахсӣ, масалан, кӯшиши шиносшавӣ, бисёр наздик шудан, бе ризояти шахси дигар ба ӯ гап задан, бе даъват ба хонаи дигаре даромадан мумкин нест ва норозигии атрофиёнро ба амал меоварад. Меъёр муносибати муҳтарамона ва беозор аст.

Россия – давлати дунявӣ аст: намоиши рафторҳои динӣ, ё тасаввуроти динӣ дар бораи ахлоқ, либос, муносибати нодуруст дар берун аз калисову масҷид ва иттиҳодияҳои динӣ ва дар рӯзҳои ғайри идҳои динӣ аҷоиб менамояд ва аз ҷониби аксарият қабул карда намешавад.

Россия – кишваре аст, ки дар он баробарҳуқуқии марду зан эътироф шудааст. Он аз ҷониби қонун ҳифз карда мешавад. Занон либоси зебо пӯшидан ва ҳусни худро нишон додан мехоҳанд - ин аломати мустақилӣ ва озодии онҳост, на барои омода будан ба шиносоӣ. Дар кӯча шинос шудан қабул нест.

Кӯдакон дар Россия, ҳам бачаҳо ва ҳам духтарон ҳатман бояд дар мактаб таҳсил кунанд, баъд бо хоҳиши худ дар коллеҷ ва донишгоҳ таҳсили худро давом диҳанд. Истифодаи меҳнати бачаҳо, ба корҳои вазнин дар хона ва дар ҷои кори волидон маҷбур кардани онҳо мумкин нест.

Аксари россиягиҳо дӯстпарвар ҳастанд, ба дастгирӣ дар лаҳзаҳои душвор тайёр мебошанд, бо дилкушодӣ ба саволҳо ҷавоб мегӯянд. Барои зудтар дар Россия одат кардан ба шумо тавсия медиҳем, ки бо аҳолии маҳаллӣ бештар муоширати кунед, дӯстон пайдо намоед, дар ҷашнҳо ширкат варзед, ба кино, осорхона, театр, китобхонаҳо равед, забони русиро омӯзед.

## ФАРҲАНГ ВА ФАРОҒАТ

*Агар имконият бошад, баъзан аз кор худро дур гиред. Мо бо бачаҳо ба толори варзиш, ба кино меравем, ё ҳамту ба саёҳати шаҳр мебароем, дар идҳои шаҳрӣ иштирок мекунем. Петербург шаҳри бисёо зебост, дар он ҷойҳои диданӣ бисёранд. (Олим).*

*Ман таксирон ҳастам ва ба туфайли ин касб бисёр ҷойҳои аҷоиб ва зебои Петербургро дидаам, аз одамон ҷойҳои дигарро пурсидаам. Акнун худам дар бораи ин ҷойҳо ба дигарон бисёр нақл мекунам.* (Латифҷон).

*Мо агар ба ҷое рафтанӣ шавем, маъмулан ба ҷои муҳоҷирони мисли худ, ба чойхонаҳо меравем.*

*Ба фикрам, ба ҷойҳое рафтан даркор аст, ки русҳо ҳам мераванд. Бо худиҳо худро бароҳат ва сабук ҳис мекунӣ, медонӣ, ки чӣ рафтор кунӣ ва дар бораи чӣ суҳбат кунӣ. Аммо ин на ҳамеша хуб аст, ки танҳо дар доираи худиҳо муошират кунӣ.* (Заҳина).



*Дар шаҳрҳои калон, ба мисли Санкт-Петербург, бисёр ҷашнҳо ва чорабиниҳои гуногун баргузор мегарданд. Метавон ба чорабиниҳои бепул ё арзон рафт.* (Мавзуна).



**ШАРҲИ КОРШИНОС**

То ҳадди имкон зиндагии худро фақат бо кор, хона ва муошират дар ҳалқаи хешу табор ва ҳамшаҳриён маҳдуд накунед.

Иштирок дар чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ имкон медиҳад, ки ба шароити нав беҳтар мутобиқ шавед, ҷаҳонбинӣ ва доираи муошират худро васеъ намоед, ҳаяҷони вобаста ба мушкилоти сафар ва кори зиёдро паст мекунад. Дар чунин чорабиниҳо шумо метавонед на танҳо бо фарҳанг ва анъанаҳои халқҳои Россия шинос шавед, инчунин вақти худро хуш гузаронед.

**Робитаҳои муфид**

https://www.culture.ru/ - «Культура.РФ» — лоиҳаи гуманитарӣ, маърифатии Вазорати фарҳанги Россия.

Портал дар бораи воқеаҳои аҷоиб ва муҳимми таърихи адабиёт, меъморӣ, мусиқӣ, кино, театр, инчунин анъанаҳои халқӣ ва ёдгориҳои табиӣ дар шакли мақолаҳои маърифатӣ, лавҳа, мусоҳиба, тестҳо, навигариҳо ва радио нақл мекунад.

https://histrf.ru/ - Портали федералии «История.РФ» маълумот дар бораи фактҳо ва ҳодисаҳои гузашта бо забони равону фаҳмо баён шудаанд. Шакли омӯзишӣ-маърифатӣ бо суҳбатҳои аудиоию видеоӣ дар бораи таърих аз ҷониби олимону омӯзгорони машҳур, нахустин интернет-энсиклопедияи рус аз муаррихони касбӣ, аксҳо ва таҳлили “санадҳои калидӣ” ва бисёр лоиҳаҳои дигар.

https://russia.travel/ - портали миллии сайёҳии Russia.travel — лоиҳаи иттилоотӣ-маърифатии Агентии федералии сайёҳӣ оид ба саёҳатҳо дар Россия. Сайт хонандагонро бо зиёда аз 20 ҳазор ҷойҳои сайёҳӣ, ки объектҳои мероси таърихӣ-фарҳангӣ, ҳунарҳои анъанавӣ, ёдгориҳоии табиӣ ва мамнуъгоҳҳо, брендҳои машҳури россиягиро дарбар мегиранд, шинос мекунад.

Дар як қатор минтақаҳои ФР махзанҳои расмии иттилоотӣ ба ёрии муҳоҷирони меҳнатӣ таъсис дода шудаанд, ки дар бораи фарҳанг, таърих ва анъанаҳои минтақаҳо маълумоти муфид доранд:

- migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru – сайти Ҳукумати Санкт-Петербург «Добро пожаловать в Санкт-Петербург!»

Барои шиносоӣ бо ҳаёти фарҳангӣ ва фароғатии минтақаҳои ФР тавсия медиҳем, ки ин порталҳои минтақавиро истифода баред: afisha.ru и kudago.com

# БАРОИ ЁРИИ БЕПУЛ ДАР ҲОЛАТҲОИ ФАВРӢ БА КУҶО МУРОҶИАТ КАРДАН ЗАРУР АСТ

Шабакаи ягонаи ёрии фаврӣ - **112** (аз телефонҳои собит ва мобилӣ) – ҳангоми ҳолати фавқулодда, таҳдид ба ҳаёт ва саломатӣ

**Ташкилотҳои ҷамъиятӣ**

**Фонди хайриявии «ПСП-фонд»** (ш. Санкт-Петербург) (ёрии ҳуқуқӣ ба муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо)

www.migrussia.ru vk.com/pspfond

Тел. +7 953 1413109,+7 (812) 3375785

**Комитет «Гражданское содействие»** (Москва) (ёрӣ ба муҳоҷирон ва гурезагон) refugee.ru

тел: +7 (495) 6811823, +7 (495) 6811532,
+7 (495) 6810954, +7 (495) 6810527

- дар **сурати ҳуҷум дар заминаи бадбинӣ**

тел.: +7 903 5775587

**Маркази хайриявии ёрӣ ба осебдидагони зӯроварии шаҳвонӣ** (ш.Москва)

телефони боварӣ: +7 (499) 9010201

сайт: sisters-help.ru

**Ҳаракати ҷамъиятии «Альтернатива»** - ташкилоти волонтёрӣ, ки ба қурбониёни савдои одамон ёрӣ мерасонад ва ба ҷустуҷӯи шахсони бедарак гумшуда машғул мегардад:

https://protivrabstva.ru

Хати доғ: 8 (800) 550-71-40

**Фонди «Безопасный дом» (**ш. Москва) – ёрӣ ба қурбониёни зӯроварии шаҳвонӣ ва хонагӣ, савдои

одамон. https://safehouse.foundation

Телефони хати доғ: +7 926 073 95 75

**Шабакаи ҳуқуқии «Миграция и право»**

сайт: migrant.ru/spisok-punktov-priema-po-gorodam/

**Мақомоти давлатӣ**

**Полиция** – https://мвд.рф/

**Главное управление по вопросам миграции МВД России** - https://гувм.мвд.рф/

**Федеральная служба безопасности РФ** – http://www.fsb.ru/

**Генеральная прокуратура РФ** – https://genproc.gov.ru/

**Следственный комитет РФ** – https://sledcom.ru/

**Роструд –** https://www.rostrud.ru/

**Уполномоченный по правам человека РФ** - http://ombudsmanrf.org/

**Росздравнадзор –** https://roszdravnadzor.ru/

**Роспотребнадзор -** https://www.rospotrebnadzor.ru

Ҳангоми нашри мавод маслиҳатҳои муҳоҷирон, ки барои ёрии машваратӣ ба ФХ «ПСП-фонд» муроҷиат кардаанд, инчунин махзанҳои интернетии зерин истифода бурда шудаанд:

Форум барои муҳоҷирон ва кордеҳони онҳо http://forum.legallabor.ru/

Форуми шаҳрвандони хориҷӣ https://forum.migrantmedia.ru/

Форум барои шаҳрвандони хориҷӣ http://forum.migranto.ru/

Форуми муҳоҷирон «Домой в Россию» https://back2russia.net/

Мигранты советуют мигрантам
Полезные советы о жизни и адаптации в России
Выпуск 2
(на таджикском языке)

Подготовка текста:
БФ «ПСП-фонд»

Авторы-составители: Ефимова О.Б., Якимов А.Н.
Редактор: Панич Б.Л.

Контакты:
БФ «ПСП-фонд»
(бесплатная консультационная помощь мигрантам,
членам их семей
и работающим с ними специалистам)
Телефон: +7 (812) 337-57-85
Электронная почта: bp@psp-f.org
Сайты: www.psp-f.org, www.migrussia.ru

Публикация подготовлена в рамках проекта
«Межрегиональный ресурсный центр по адаптации и
интеграции мигрантов и гармонизации межнациональных
отношений», реализуемого при поддержке Фонда
президентских грантов.

Подписано в печать:
Тираж 1000 экз. Заказ №
Отпечатано в типографии “L-PRINT”
192007, Санкт-Петербург,
Лиговский пр., 201, лит. А, пом. 3Н.

